ВАЗИРИ НАВИ КОРҲОИ ХОРИҶӢ КИСТ? с. 4
МАҲАЛГАРОӢ БАРОЯШ БЕГОНА БУД... с. 9
ДАЪВАТИ ҲАРБӢ ОҒОЗ ШУД с. 3

ТОҶИКИСТОН

№35 (1598), 28.08.24 Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» яктост! Оғози нашр соли 1992



# СИНДРОМИ САМАРА

Он ба ҳамаи муҳоҷирон сироят мекунад?




МАҶМААИ НАВИ ИСТИҚОМАТИИ ПӮЛОДӢ

АЗ АРЗИШИ УМУМӢ 30% ПЕШПАРДОХТ,
ПАРДОХТИ МАБЛАҒИ БОҚИМОНДА АЗ 3 ТО 5 СОЛ БЕ ФОИЗ

СЕБИСТОН-2018
— ширкати сохтмонӣ —



- Хонаҳо аз 56,10м2 то 138,90м
- Баландии шифти квартираҳо 3м 15 см
- Тирезаҳои алюминий
- Лифтҳои бренди ҷаҳонӣ
- 24/7 амният ва назорати видео
- Таваққуфгоҳи зеризаминӣ
- Дар наздики гипермаркети
- Auchan, мағозаи JYSK

Бинои истиқоматии баландошёна, бо ҷойгиронии марказҳои савдову хизматрасонӣ дар ошёнаи аввал ва таваққуфгоҳи наклиёти автомобилӣ дар таххонаи он, воқеъ дар кӯчаи Пӯлодӣ № 33, ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе.

ТЕЛЕФОНИ ШУЪБАИ ФУРӮШ:
+992 200-00-00-00 | +992 00-277-44-33

## ДАР ИН ШУМОРА:

**ҲУШДОРИ ВКД**
Мизоҷони фолбину ҷодугарон низ ҷазо мегиранд с.11

**ХОБГОҲ Ё ИҶОРА?**
Ташвиши донишҷӯён дар соли нави таҳсил с.5

**МУФТИИ ХАБАРОВСК**
Зодаи Тоҷикистон таъйин шуд с.4

**ҚАТАР**
Муҳоҷирони тоҷикро ба кор даъват мекунад с.2

**МИНБАРИ БАҲС**
Мо дарё (на) дорем? с.10

**БИЛЕТИ ҲАРБӢ**
Абдуллоевро пушти панҷара бурд... с.11

**ВАРЗИШ**
Аввалин чемпионати ҷаҳонии “Гӯштингирӣ” с.15

**КАНЗИ ШИФО**
Роҳҳои пешгирии сактаи мағзӣ с.12

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА**

**Шариф ҲАМДАМПУР,** Сармуҳаррир, раиси ҳайати мушовара

**Усмон РАҲИМЗОДА,** муовини сармуҳаррир

**Одил НОЗИР,** муҳаррир

**Талбак НАЗАРОВ,** раиси "Сандуқи хайрияи Тоҷикистон", академик

**Фарҳод РАҲИМӢ,** академик

**Шералӣ КАБИР,** вазири саноат ва технологияҳои нави Тоҷикистон

**Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,** раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон

**Масъуди МИРШОҲӢ,** раиси Бунёди Рӯдакӣ (Фаронса)

**Қозидавлат ҚОИМДОДОВ,** сиёсатмадор

**Адаш ИСТАД,** нависанда (Ӯзбекистон)

**Ҳафиз РАҲМОН,** адабиётшинос

**Иноят ИНОЯТОВ,** ҳуқуқшинос

**Умед СУЛТОНОВ,** саҳифабанд

**МУАССИС:**
**Ҳайати кормандони ҳафтанома**

*Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст. Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.*

**ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:**
**221-00-84,**
**227-19-95**
**tojikiston@pressa.tj**

**ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА**
**ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16**
**238-78-78, 44 640-99-88, 238-61-61**
**ads@rg.tj**

**ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО**
**918-66-82-64,**
**221-41-11**

**ТЕЪДОДИ НАШР:** 33 000 нусха.


## ҚАТАР ТОҶИКОНРО БО КОР ТАЪМИН МЕКУНАД

**Сафири Тоҷикистон дар Қатар Нурмурод Маҳмадалӣ бо директори генералии «Jusour» (Qatar Manpower Solutions Co.) Абдулҳодӣ Бахит Барқан мулоқот намуд.**

Дар ин бора Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон хабар дод.

Дар мулоқот масоили марбут ба муҳоҷирати корӣ, аз ҷумла таҳкими роҳҳои ҷалби неруи корӣ аз Тоҷикистон ба Давлати Қатар баррасӣ шуд.

## ТОҶИКИСТОН ИНТИҚОЛИ ОБРО БА ҚАЗОҚИСТОН ЗИЁД КАРД

**Тоҷикистон барои обёрии заминҳои кишоварзӣ ба Қазоқистон ҳудуди 500 млн метри мукааб об интиқол дод.**

Ба иттилои Вазорати захираҳои об ва обёрии Қазоқистон, дар қиёс ба соли гузашта Тоҷикистон 40 млн метри мукааб бештар ба Қазоқистон об дод.

«Аз 1-уми июни соли равон Тоҷикистон ба Қазоқистон тавассути канали байнидавлатии «Достик» 488,6 млн метри мукааб об фиристод. Ин рақам нисбат ба соли гузашта 40 млн ва аз ҳаҷми пешбинишуда дар соли равон 45 млн метри мукааб зиёд аст»,- иттилоъ медиҳад манбаъ.

Ба гуфтаи Нурчон Нурҷигитов, вазири захираҳои об ва обёрии Қазоқистон, Тоҷикистон дар қатори дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ барои Қазоқистон шарики муҳим боқӣ мемонад.

«Аз ин рӯ, мо ба кори муштарак дар масъалаи идоракунии захираҳои об ва ҳифзи захираҳои об таваҷҷуҳи зиёд медиҳем»,- қайд кард вазир.

## 31 ОМӮЗГОР ДАР ХАТЛОН СОҲИБИ ЗАМИН ШУДАНД

**Дар шаҳри Бохтар машварати августии омӯзгорони вилояти Хатлон баргузор гардид. Дар машварат Давлаталӣ Саид, раиси вилояти Хатлон ва дигар масъулин иштирок карданд.**

Раиси вилояти Хатлон гуфт, ки соли 2024 аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои молиявӣ дар вилояти Хатлон 32 иншооти соҳаи маориф бо 213 синфхонаи иловагии дорои 10 ҳазору 650 ҷойи нишаст сохта шудааст. Ҳамчунин, дар 165 иншооти дигар бо 1 ҳазору 137 синфхонаи таълимӣ корҳои сохтмонӣ идома доранд.

Дар вазъияти тантанавӣ Давлаталӣ Саид, раиси вилояти Хатлон ба 31 омӯзгори ҷавони муассисаҳои таълимӣ шаҳодатномаи замини наздиҳавлигӣ тақдим намуд.

Ба 26 хатмкунанда ва роҳбарони муассисаҳои таълимӣ бошад, барои хатм бо аттестати универсалӣ ва равиявии аъло (медали тило ва нуқра) аз 3 то 10 ҳазор сомонӣ мукофот дода шуд.

## ДОВАР АЗ ТОҶИКИСТОН ДАР ҶҶ-2026

**Гулмуроди Саъдулло аз Тоҷикистон бозии марҳилаи интихобии Ҷоми ҷаҳон-2026-ро доварӣ мекунад.**

Довари тоҷики ФИФА якҷо бо дастааш дар гурӯҳи "С" бозӣ миёни дастаҳои мунтахаби Чин ва Арабистони Саудиро, ки 10-уми сентябр дар шаҳри Даляни Чин баргузор мешавад, ҳакамӣ мекунад.

- Ба довари 33-сола дар майдон ҳамватанонаш, ёварони довари ФИФА Ҳасан Каримов ва Вафо Қараев кумак мекунанд,- иттилоъ дод ФФТ.



## НИГИНА АМОНҚУЛОВА - ҲУНАРПЕШАИ ХАЛҚИИ ӮЗБЕКИСТОН

**Овозхони шинохтаи тоҷик Нигина Амонқулова бо унвони «Ҳунарпешаи халқии Ӯзбекистон» қадрдонӣ гардид.**

Фармони Президенти Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев 24-уми август имзо шуд.

Президенти Ӯзбекистон ба шаш нафар ҳунарманд, ки миёни онҳо сароянда тоҷик Нигина Амонқулова низ ҳаст, ин унвони фахриро супоридааст.

Гуфта мешавад, ки ин унвон барои хизматҳои барҷаста дар таҳкими истиқлоли Ватан, татбиқи босамари ислоҳоти васеъмиқёс дар самти сохтмони Ӯзбекистони нав, истеъдоди барҷаста, фаъолияти серсоҳаи эҷодӣ ва илмию амалӣ ба баланд бардоштани маърифати маънавии халқ, рушди соҳаҳои илм нигаронида шудааст.

Ҳамчунин, ин унвон барои тарбияи ҷавонон дар рӯҳияи муҳаббат ва садоқат ба Ватан, эҳтиром ба арзишҳои умумибашарӣ, инчунин иштироки фаъолона дар ҳаёти ҷамъиятӣ дода шудааст.

## САРИ САБЗ



**Абдулҳай ЗОКИРОВ,** синамогари тоҷик

**- Бештар аз як сол аст рӯйи филмномае дар асоси ҳикояи "Дуди ҳасрат"-и нависанда Баҳманёр заҳмат кашидем. Хушбахтона, кори филмнома ба итмом расид ва аз ИНТ ва шӯрои бадеии Муассисаи давлатии "Тоҷикфилм" доир ба филм назари масъулинро гирифтем.**

*- Як марҳилаи нозукро алакай гузаштаед, муборак бошад! Аммо, акнун бояд ҷиддан дар фикри ба дараҷаи аъло наворбардорӣ кардани филм афтод, то "дуди ҳасрат"-и чашминтизорҳо набарояд.*



**Раҳматулло ҲОШИМОВ,** Ҳофизи халқии Тоҷикистон

**- Мақсади мо ҳоло ҳамин аст, ки шогирдонро хуб омӯзонем, то онҳо насли баъдиро аз фалак огоҳ кунанд ва ҳамин мусиқӣ мондагор бошад. Мехоҳем мактаби устоду шогирд идома ёбад. Фикр мекунам, танҳо бо ҳамин роҳ метавон ҳифз кард ин жанри суннатиро.**

*- Кам ҳам бошад, омори дақиқ пеш оварда метавонед, ки чанд нафар шогирдон омӯзиш гирифтаву барои огоҳ кардани насли баъдӣ омодаанд? Ё ин кор муҳлати зиёд мехоҳад?*



**Игор МАЗУР,** суратгир ва устои дастгоҳҳои аксбардорӣ

**- Аслан ман дар ягон озмуни аксҳо иштирок намекунам, зеро ин як навъи тиҷорати зиёновар аст. Ҳар касе, ки озмунҳоро ташкил мекунад, баҳрабардор аст, яъне гирандаи ҳама мукофотҳо. Ҳама чиз алакай пешакӣ тақсим карда шудааст, ҷойҳо, мукофотҳо ва ғайра.**

*- Манзуратон хеле печидаву фалсафӣ аст, ҷаноби суратгир, аз фикр сар ба дард меояд. Озмун барои кӣ тиҷорати зиёновар аст? Дигар, касе, ки озмун эълон мекунад, мукофотҳоро худаш мегирад... Ҳамин тавр?*

# СИНДРОМИ САМАРА

## Он ба ҳамаи муҳоҷирон сироят мекунад?

**Дар вилояти Самараи Федератсияи Русия ба муҳоҷирон кор дар соҳаи тиҷорат, бозор, ошхона ва хӯроки умумӣ манъ карда шуд. Ҳамчунин, аз ин ба баъд ба муҳоҷирон иҷора додани иншоот низ мумкин нест. Дар ин бора сомонаи ҳукумати вилоят хабар медиҳад.**



Сомони centralasian.org менависад, ки ичрокунандаи вазифаи раиси вилояти Самара Вячеслав Федоршев ҳамаи идораҳои минтақаро, ки бо тиҷорату савдо сарукор доранд, вазифадор намудааст, то муҳоҷиронро аз кор ронанд.

Сомонаи Idel.Реалии менависад, ки бар асоси супориши Федоршев, коргарони хориҷӣ ҳақ надоранд дар вилояти Самара дар соҳаи фурӯши маҳсулоти хӯрокворӣ, нӯшокӣ ва маҳсулоти тамоку, нассоҷӣ, пойафзол ва дигар соҳаҳои савдо кор кунанд. Инчунин, ба муҳоҷирон кор дар истеҳсоли маҳсулоти ширӣ ва нонӣ, хӯроки кӯдак, оби нӯшокӣ, корхонаҳои хӯроки умумӣ, савдои яклухт ва чаканаи машруботи алкоголӣ ва спирти этил, сигор, доруворӣ, тухм ва маҳсулоти ширӣ манъ шудааст.

Ба муҳоҷирон инчунин кор дар бахши маълумот ва таҳияи пойгоҳҳои иттилоотӣ, нашри хабар, инчунин, ба муҳлати кӯтоҳ ичора додани манзил ҳам манъ мебошад.

Мақомоти маҳаллии Самара мегӯянд, ки чунин маҳдудиятҳо "бо ҳадафи таъмини амнияти шаҳрвандон ва ҳимояти бозори кор" карда мешавад.

Ёдовар мешавем, ин бори аввал нест, ки дар вилояти Самара ба муҳоҷирон чунин маҳдудиятҳо гузошта мешавад. Моҳи феврали соли равон бо қарори раиси пешини вилоят Дмитрий Азаров кори муҳоҷирон бо патент ба ҳайси ронандаи таксӣ, ронандаи наклиёти мусофирбар, кор дар соҳаи маориф ва агентиҳои шуғл ва корёбӣ манъ шуда буд.

Чунин қарори ҳукумати вилояти Самара на танҳо муҳоҷирони ин вилоятро, ки аксар бекор мемонанд, балки муҳоҷирони дигар манотиқи Русияро низ нигарон кардааст. Зеро баъид нест, ки "синдроми муҳоҷирбадбинии Самара" идома ёфта, дар манотиқи дигари ин кишвар низ чунин маҳдудиятҳо ба муҳоҷирон чорӣ шавад. Зеро чанде пеш мақомоти вилояти Ленинград эълон карда буд, ки муҳоҷирони Ӯзбекистон, Тоҷикистон, Молдова ва Озарбойҷонро аз ҳақи кор дар наклиёти ҷамъиятӣ, аз ҷумла таксӣ маҳрум мекунанд. Ҳамчунин, мақомоти Русия низ гуфта буданд, ки азм доранд дар беш аз 10 шаҳру ноҳияҳои ин кишвар фаъолияти муҳоҷиронро дар наклиёти мусофирбар, аз ҷумла таксиронӣ манъ кунанд.

Ёдовар мешавем, ки тайи чанд моҳи охир фишор болои муҳоҷирони корӣ дар Русия афзудааст. Чанде пеш Ирина Волк, сухангӯйи Вазорати корҳои дохилии Русия эълон кард, ки дар натиҷаи гузаронидани 176 ҳазор рейд қарори ихроҷи 92 ҳазор муҳоҷир ва манъи вуруди қариб 150 ҳазор хориҷӣ содир шудааст. Чунин муносибат ба муҳоҷирон баъди қазияи "Крокус Сити Ҳолл" шуруъ шуд ва то имрӯз идома дорад.

**Д. ҚОДИРПУР**

*Зоҳиран, "Синдроми Самара" ба манотиқи дигари Русия алакай таъсири худро мерасонад. Ахиран, Вазорати корҳои дохилии Русия аз тафтишу ихроҷи теъдоди дигаре аз муҳоҷирони корӣ аз Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон, хабар дод. Вазорат рӯзи 28-уми август бо нашри баёния ва видео гуфт, маъмурони пулис дар Хабаровск ҳангоми амалиёт дар чанде аз сохтмонҳои шаҳр 27 мавриди ғайриқонунӣ шиканиро дар байни муҳоҷирон ошкор карда, амр додаанд, ки се нафари онҳо "депортатсия" ё ронда шаванд.*

*Дар наворе, ки Вазорати умури дохилии Русия нашр кард, дида мешавад, чӣ гуна маъмурони пулис даҳҳо муҳоҷирро қатор карда, ба навор мегиранд. Ҳамзамон санадҳои онҳоро тафтиш мекунанд ва гурӯҳеро ҳам ба автобус савор мекунанд.*

*Айни замон муҳоҷирон мегӯянд, агар тамоми санадҳоро дошта бошанд, низ онҳоро озору азият ва ё аз Русия ихроҷ мекунанд.*

# ДАЪВАТИ ҲАРБИИ ТИРАМОҲӢ ОҒОЗ ШУД

**27-уми август Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон фармони даъват ба хизмати ҳарбии тирамоҳиро имзо кард.**



Тибқи фармон ҷавонони аз 18 то 27-сола (солҳои таваллуди 1997-2006) дар мавсими даъвати тирамоҳӣ ба сафи Қувваҳои мусаллаҳ ҷалб мешаванд.

Маъракаи даъвати ҳарбӣ аз 1-уми октябри соли ҷорӣ оғоз гардида, то охири моҳи ноябри соли равон идома меёбад.

Дар асоси фармони Президенти Тоҷикистон, онҳое, ки хидмати ҳарбиро тамом кардаанд, дар моҳҳои октябр-ноябри соли 2024 аз сафи Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба эҳтиёт рухсат дода мешаванд.

Раисони шаҳру ноҳияҳо якҷо бо комиссариатҳои ҳарбӣ вазифадор шудаанд, ки даъвати муташаккилонаи шаҳрвандонро ба хизмати ҳарбӣ ба роҳ монанд.

Вазорати фарҳанг, Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиш ва Кумитаи телевизион ва радио мувазззаф шудаанд, ки омодагӣ ва рафти даъвати шаҳрвандонро ба хизмати ҳарбӣ ба таври густурда инъикос намоянд. Ҳамчунин, хидмати ҳарбиро ҳамчун вазифаи муқаддаси ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон тарғиб намоянд.

Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Тоҷикистон вазифадор шудааст, ки барои муоинаи назоратии тиббии даъватшавандагон табибону мутахассисони ботаҷрибаро сафарбар намояд.



**Се ноболиғ, шаҳрвандони Тоҷикистон, ки дар Русия бепарастор монда буданд, ба ватан баргардонида шудаанд. Дар ин бора сомонаи Сафорати Тоҷикистон дар Русия хабар медиҳад.**

Сафорат навиштааст, ки онҳо "рӯзи 26-уми август бо мусоидати Хадамоти консулии Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон, тибқи Созишномаи Кишинёв дар бораи ҳамкории давлатҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил оид ба баргардонидани шаҳрвандони ноболиғ (аз 07.10.2002) ба Ватан баргардонида шуданд".



**Қазоқистон ҳавасманди хариди неруи тавлидотии НБО "Роғун" мебошад. Ин нукта дар мулоқоти вазири энержии Қазоқистон Алмасадам Сатқалиев бо нойиби нахуствазири Тоҷикистон Усмоналӣ Усмонзода таъкид шуд.**

Ҷонибҳо меъёрҳои техникӣ ва шартҳои тиҷоратии содироти эҳтимолии неруи барқ аз НБО «Роғун» ба Қазоқистонро бо дарназардошти мавҷудияти имкониятҳои техникӣ ва мувофиқашудаи транзит тариқи Ӯзбекистон баррасӣ кардаанд.



**Дар кӯли Сарез дастгоҳҳои ҷадиди алоқаи фаврӣ насб карда мешаванд.**

Ба иттилои КҲФ, ин ниҳод дастгоҳҳои ҷадиди алоқа ва назорати видеоиро дастрас кард, ки барои ташкили Низоми ягонаи тамос кор бурда мешаванд.

- Дастгоҳҳо дар раёсатҳои вилоятӣ ва кӯли Сарез насб мегарданд,- афзуд манбаъ.



ISNA

**Масъуд Пизишкиён, раисҷумҳури Эрон рӯзи 26-уми август Абдулкарим Ҳусейнзодаро муовини худ дар умури рушди рустоҳо ва минтақаҳои камбизоат таъйин кард.**

Ҳусейнзодаи 44-сола нахустини суннимазҳабе аст, ки дар 45 соли охир узви ҳукумати Эрон шудааст. Пизишкиён гуфтааст, ки Ҳусейнзодаро ба сабаби садоқату таҷрибаи боарзишаш ба ин кор баргузид. Вай муовини худро вазифадор кард, ки шароити зиндагии мардумро дар рустоҳо ва нишондиҳандаи рушдро дар минтақаҳои "тангдаст" беҳтар гардонад.



**Абдулғаффор Тиравӣ сафири нави Толибон (фаъолияташ мамнуъ дар Тоҷикистон,- ред.) дар Ӯзбекистон таъйин шуд.**

Дар ин бора Зокир Ҷалолӣ, намояндаи Вазорати корҳои хориҷии ҳукумати Толибон хабар дод. Тиравӣ ӯзбектабор аст ва то ҳол дар Суди олии Афғонистон кор мекард. Ӯ дар ин вазифа Муғфуруллоҳ Шаҳобро иваз мекунад.



РБК

**Писари 16-солаи Рамзан Қодиров бо баландтарин ордени Чеченистон - Ордени Аҳмад Қодиров қадрдонӣ шуд.**

Орден соли 2004 ба хотираи Аҳмад Қодиров, раисиҷумҳури нахустини Чеченистон таъсис ёфта, ба ходимони барҷастаи давлатӣ ва ҷамъиятӣ дода мешавад. Одам Қодиров вазифаи сардори раёсати амнияти раиси ҷумҳури Чеченистонро бар уҳда дорад. Октябри соли гузашта ба ӯ унвони Қаҳрамони Чеченистон дода буданд.

# АББОС АРОҚЧӢ

## вазири корҳои хориҷии Эрон шуд



**Аббос Ароқчӣ вазири нави корҳои хориҷии Эрон таъйин шудааст. Номзадии ӯро ба ин мақом Масъуд Пизишкиён, раисҷумҳури нави Эрон рӯзи 11-уми август ба парлумони кишвараш пешниҳод карда буд.**

Ароқчӣ қаблан дар вазифаи муовини вазири корҳои хориҷии Эрон фаъолият мекард ва музокиракунандаи баландпоя дар гуфтугуҳои ҳастаии Теҳрон буд.

Ароқчӣ 62 сол дорад ва дар гузашта узви Сипоҳи Посдорони Инқилоби Исломӣ буд.

Соли 1988 ба ҳайси коршинос дар Вазорати корҳои хориҷӣ ба кор оғоз кард ва дар вазифаҳои мухталиф фаъолият намуд. Аз ҷумла, ӯ муовини сафир дар Созмони ҳамкории исломӣ, раиси Маркази таҳқиқоти Халиҷи Форс дар Дафтари таҳқиқоти сиёсӣ ва байналмилалӣ, раиси Идораи аввали Аврупои Ғарбӣ ва раиси Донишкадаи равобити байналмилалии Вазорати корҳои хориҷӣ будааст. Ароқчӣ ду навбат сафир ҳам будааст. Аввал аз соли 1999 то соли 2003 сафири Эрон дар Финляндия буд, сипас, солҳои 2007-2011 ба ҳайси сафири Эрон дар Ҷопон фаъолият дошт.

Мавриди зикр аст, ки рӯзи 22-юми август Сироҷиддин Муҳриддин, вазири корҳои хориҷии Тоҷикистон бо ирсоли як номаи табрикотӣ Аббос Ароқчиро ба муносибати таъйин шуданаш ба вазифаи вазири корҳои хориҷии Эрон табрик гуфт.

# БУНЁДГУЗОРИ ТЕЛЕГРАМ ЗИНДОНӢ МЕШАВАД?

AFP

**Прокурори Париж дар бораи эҳтимоли даст доштани бунёдгузори Телеграм Павел Дуров дар 12 ҷиноят, аз ҷумла ҷиноятҳои сайберӣ (кибернетикӣ), пулшӯӣ ва ворид кардани як дастгоҳи рамзнигорӣ бидуни сабти ном хабар дод.**




Дар сурати исботи ин иттиҳом ба бунёдгузори Телеграм даҳҳо сол зиндон таҳдид мекунад.

Дар ин бора хабаргузории AFP бо истинод ба манобеи наздик ба тафтишот хабар додааст.

Павел Дуров, бунёдгузори Телеграм шоми 24-уми август дар фурудгоҳи Бурге ва ҳангоми вуруд аз Озарбойҷон дастгир шудааст. Миллиардери 39-сола, ки шаҳрванди Фаронсаву Русия, АМА ва Сент-Китс ва Невис аст, бо ҳавопаймои хусусӣ ба Фаронса омадааст.

Мақомоти Фаронса ҳукми боздошти ӯро пештар содир карда буд. Дуров ба тақаллуб, қочоқи маводи мухаддир, озори лафзӣ дар фазои маҷозӣ, ҷинояткории муташаккилона ва тарғиби терроризм муттаҳам мешавад. Аммо коршиносон таъкид мекунанд, ки ӯро барои радди ҳамкорӣ бо мақомот ва иҷрои талаботи онҳо боздошт кардаанд.

Павел Дуров, ки дар Русия ба дунё омадааст, 10 сол пеш, баъди афзоиши фишор аз ҷониби мақомоти Русия ватанашро тарк кард ва соли 2021 шаҳрвандии Фаронсаро гирифт. Солҳои охир дар Имороти Муттаҳидаи Араб зиндагӣ мекард ва қароргоҳи ширкаташ ҳам онҷо буд.

# ЗОДАИ ТОҶИКИСТОН МУФТИИ ХАБАРОВСК ШУД

ISLAM NEWS
ИНФОРМАЦИОННОЕ АГЕНТСТВО РОССИИ

**Абдулҳай Имонқулов, рӯҳонии 42-солаи зодаи Тоҷикистон муфтии аъзами Хабаровск таъйин шуд. Домулло Абдулҳай то кунун имомхатиби масҷиди ҷомеи шаҳри Хабаровск ва ёвари муфтии минтақаи Шарқи дур буд.**



Домулло Абдулҳай аз лақайҳои зодаи Тоҷикистон ва шаҳрванди Русия буда, 10 фарзанд дорад ва полиглот, яъне забондон буда, ба 10 забон балад будааст. Ӯ дар Русия ҳам маълумоти олии динӣ ва ҳам маълумоти олии дунявӣ гирифтааст.

Имонқулов Абдулҳай (номи расмиаш: Ҷумъаназар Худойназарович Имонқулов) соли 1982 дар Тоҷикистон ба дунё омадааст. Падару модари ӯ аз қабилаи лақайҳо ва ӯзбекзабонанд. Имонқулов 6 сол дар Тоҷикистон улуми диниро омӯхта, баъди ба Русия кӯчиданаш дар инҷо ҳам маълумоти динӣ ва ҳам дунявии худро такмил додааст. Ӯ Донишкадаи федералии Шарқи дурро бо ихтисоси "забонҳои хитоӣ ва англисӣ", Донишкадаи исломии Бошқирдистон ва мадрасаи шаҳри Буаи Тотористонро хатм карда, ҳоло таҳсили динии худро ба сурати ғоибона дар Академияи исломии шаҳри Булғори Тотористон идома дода истодааст.

Гуфта мешавад, ки Имонқулов забонҳои русӣ, арабӣ, ӯзбекӣ, тоҷикӣ, тоторӣ, қирғизӣ, туркӣ, озарӣ, хитоӣ ва англисиро медонад.

# ХОБГОҲ Ё ИҶОРА?

## Ташвиши донишҷӯён дар соли нави таҳсил

**Инак, боз соли нави таҳсил оғоз мeёбад. Одатан, як моҳ қабл аз шурӯи дарсҳо ташвиши донишҷӯён низ барои пайдо намудани ҷойи истиқомат меафзояд. Тибқи анъана, қисме аз донишҷӯён бо хобгоҳ таъмин шуда, қисми дигар аз пайи иҷорахона мешаванд…**



### Иҷораи гарон

“Мушкили асосӣ барои онҳое, ки дар Душанбе кору таҳсил мекунанд, нархи иҷора мебошад. Имрӯзҳо дар ҳудуди шаҳри Душанбе нархи иҷораи хонаҳои истиқоматӣ гарон буда, ба маоши кормандони ҷавон ва ҷайби донишҷӯён мувофиқат намекунад. Хонаи якҳуҷрагӣ аз 1700 сомонӣ оғоз ёфта, қимматашон вобаста ба шарту шароит боло меравад. Хонаи 2-ҳуҷрагӣ бошад, тамоман гарон аст”,- мегӯяд рӯзноманигори ҷавон Муҳаммадҷон Қосимзода, ки ҳамроҳи оилааш дар иҷора умр ба сар мебарад.

Ба таъкиди мавсуф, нархи иҷорахонаҳо бояд мувофиқ ба маош бошад, зеро маоши коргарони ҷавон худ ба дигар эҳтиёҷҳо басандагӣ намекунад.

Ҳамин омилҳо боис мегарданд, ки донишҷӯён гурӯҳӣ хонаи иҷора бигиранд. Зиёвиддин, донишҷӯйи Донишгоҳи байналмилалии забонҳо мегӯяд, ки онҳо 5 нафар ҳамсабақ ҳамасола хонаи иҷора мегиранд. “Соли гузашта дар сеҳуҷрагӣ иҷора меистодем, ки аввали сол нархи он 2000 сомонӣ буд. Соҳибхона баъди моҳи январ онро 2500 сомонӣ кард. 5 нафар 500-сомонигӣ ҷамъ карда медодем. Вале ҳозир сехонагиҳоро 3 ҳазор боло мегӯянд. Ҳоло ба 2 - 2,5 ҳазор сомонӣ духонагӣ кофта истодаем”,- мегӯяд ӯ.

Бо чанд нафар донишҷӯён, ки суҳбат доштем, мегӯянд, нархи иҷора дар пойтахт соли равон ба таври бесобиқа боло рафтааст.

### Хобгоҳ хуб аст, аммо…

Суннатуллои Қурбон, ки ҳини таҳсил соли аввал дар хобгоҳи Донишгоҳи молия ва иқтисод зиндагӣ мекард, зимни суҳбат ба мо иброз дошт, ки 700 сомонӣ барои 1 сол пардохт намудаву вале муддати зиёд он ҷо наистод.

’’Хобгоҳ хуб аст, аммо дар он шароити омода шудан ба дарсҳо нест. Мо дар 1 ҳуҷра 4 нафар меистодем. Дар чунин шароит ба дарсҳо омода шудан душвор аст, зеро як ҳуҷра барои 4 нафар танг мебошад. Илова бар ин, дар хобгоҳи шӯравибунёди мо батареяҳои гармидиҳӣ фаъол набуданд, бинобар ин, ман ба хонаи иҷора кӯчидам”,- иброз дошт Суннатулло.

Аз суҳбат бо донишҷӯён маълум мешавад, ки дар аксар хобгоҳҳои донишгоҳу донишкадаҳои кишвар дар як ҳуҷра 4-нафарӣ зиндагӣ мекунанд.

Ба фарқ аз истиқоматкунандагони хобгоҳҳои дигар, донишҷӯёни Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз шароити хобгоҳҳояшон изҳори розигӣ карданд. Хобгоҳҳои ДМТ навсохт ҳастанд.

“Ман дар хобгоҳи 6 ва 8-и донишгоҳ меистодам, шароитҳо хуб буданд, маблағи солонааш бошад, 700 сомониро ташкил медод. Лифтҳо мутаассифона кор намекунанд, дар хобгоҳи нав низ чунин аҳвол. Таҷҳизот дар хобгоҳи нав хуб аст. Дар фасли зимистон хобгоҳҳо ба системаи гармидиҳӣ пайвастанд”,- қайд намуд Меҳрофарин, ки чанд сол боз дар хобгоҳи ДМТ истиқомат мекунад.

Донишҷӯи дигар Ҳусейн, ки ӯ низ дар хобгоҳ умр ба сар мебарад, қайд намуд, ки “хобгоҳ барои донишҷӯ як дарси хуби зиндагист. Ин ҷо ту беҳтарин чизҳоро меомӯзӣ, ба қадри заҳматҳои волидайнат мерасӣ, ба қадри заҳматҳои худат низ. Дар ҳамин шароит ту кӯшиш мекунӣ, ки хонӣ ва фардо зиндагии сазовор дошта бошӣ”.

**Беҳрӯз САЙФУЛЛОЕВ,**
**журналист**

# АЗ “РОЙГОН” ШУДАНАМ ПУШАЙМОНАМ!

**Шумо боре ҳам “ройгон” будед? Не? Ана мо “ройгонем”, яъне корти нақлиётии ройгон дорем, ки барои хизматҳои махсуси дар гузашта кардаамон ва ё барои аз синни миёнаи умр дар кишвар убур карданамон давлат додааст.**



Додааст, ки “ана инро гиру дар нақлиёти ман (яъне, давлат) бепул равую кун, зеро дар вақташ ба ман хизмат кардӣ. Агар қувватат расаду дар роҳ наафтӣ...”. Аммо давлат намедонад, алакай 80 фисади мо - ройгонҳо дигар на ҳаваси мошинсаворӣ дорему на маҷоли сайру саёҳати шаҳр. Он 20 фисади боқимонда бошад, ҳамарӯза зери борони маломат ва ё қавоқи гирифтаи ронандагони нақлиёти ҷамъиятии шаҳр қарор мегиранд ва дар беҳтарин ҳолат, ба чеҳраи онҳо менигаранду гӯё падари ин ронандаҳоро онҳо кушта бошанд, дар ягон гӯшаи автобус ва ё троллейбус натақашонро набароварда мешинанд. Гоҳгоҳе баъзе аз шердилҳояшон ба муқобили ин беадолатию нобаробарӣ кӯшиши муқобилият кардан ҳам мекунанд, ки натиҷааш гуногун аст.

- Ҳой ҷӯра, ин ҳуқуқро (ҳуқуқи доштани корти ройгонро,- А. А.) ба ман падари ту не, ҳукуматамон додааст. Вақте ки ба синни ман расидию мисли ту ягон нафари беандеша бо ситеза бо ту гап зад, баъд мефаҳмӣ...,- гуфт марди зиёинамое ба ронандаи автобуси хатсайри 15, ки баъди ба қайд гузоштани корти ройгонаш ба дастгоҳи бақайдгирӣ бо зарда “э, ба қафо гузару ба мардум роҳ деҳ” гӯён, рӯяшро турш карда буд.

Ронанда хост бо вай вориди мунокиша шавад, аммо мардуме, ки аз панҷ нафар танҳо ду ё се нафарашон корт доштанду дигарҳо ба ронанда пул дароз мекарданд, ба ин имкон надоданд. Зеро ӯ бояд ҳам аз мусофирон пул мегирифту бақия медод, ҳам воридшавии кортдоронро назорат мекард ва ҳам мошин меронду дар як вақт бо телефон гап мезад. Ана инро истеъдод мегӯянд!

Дар куҷое хонда будам, ки як олими бузурги инглис дар як вақт се корро анҷом медодааст. Ин олим бо он бузургӣ ба дасти ронандаҳои чапдасти мо об рехта наметавонад. Чаро чапдаст? Барои он, ки ин ронандагони мошинҳои давлатӣ, ки моли аз падарашон меросмонда нест, ба болои музди меҳнат боз аз мусофирони бекорт пули нақд мегиранду худо медонад чӣ қадарашро ба соҳиби мошин (давлат) медиҳанду чӣ қадараш дар кисаашон мемонад. Ана, асрори чаққонию эҳтироми онҳо нисбати “наличний”-ҳо ва бо кортдорону ройгонҳо бо кинояву зарда гап задани чунин ронандагон дар куҷост!

“Пул дунёро вайрон мекунад” гуфтааст як нафари бепул аз алам. Аммо “ройгонҳо” мегӯянд, ки инашро ку намедонем, вале ронандагони автобусу троллейбусҳоро аниқ вайрон мекунад. Агар вайрон намекард, магар аксари онҳо бо дидани “ройгонҳо” ба забонашон танҳо сухани бад меомад?

Бовар намекунед?

Пас ягон корти “ройгонро” ба иҷора гиреду ба чунин нақлиёт савор шавед. Аз “ройгон” таваллуд шуданатон пушаймон мешавед.

**“Ройгонҳо” ҳоло аз ду чиз дар ҳайратанд:**

Якум, чаро ВКД рейдҳои худро барои соҳибкорт кардани мусофирони нақлиёти шаҳрӣ хотима дод ва ин боиси он гардид, ки мардуми кортдор низ пас аз ба охир расидани мухлати корти худ ба “наличний” гузаштанд?

Дуюм, чаро дастандаркорони нақлиёти пойтахт ҳар бегоҳ аз ронандагон намепурсанд, ки имрӯз ба чӣ қадар “ройгон” хизмат расонд? Он гоҳ бо дидани корти ройгон шояд дар бадани ронандагони “ройгонбезор” рашъа намедамид. Охир ҳамон асбобҳои бақайдгирии кортҳо ҳамарӯза ба чӣ қадар мардум ба дар кадом шакл хизмат расонидани ронандагонро нишон медиҳанд ку...

Мардум беҳуда ин байти устод Лоҳутиро шиор накардаанд:

*Ҳар шаб зи худат бипурс, агар ту мардӣ,*
*К-имрӯз чӣ хизмате ба мардум кардӣ?*

Раиси мухтарами шаҳри Душанбе миқдори зиёди автбусҳои нави замонавиро барои он вориди пойтахт намуд, ки мушкили пиру барноро осон кунад ва шукр, имрӯз дар пойтахти Тоҷикистон мушкилоти нақлиёти мусофирбар нест. Аммо дарди мушкилоти тарбияи идоракунандагони он мавҷуд аст, ки давои онро аз беруни кишвар овардан наметавон ва ин даво танҳо дар майнаи ҳар шаҳрванд мавҷуд аст, ки онро бояд истифода бурд.

**Зеро:**

*Агар дидӣ, ки нобиною чоҳ аст,*
*В-агар хомӯш истодӣ, гунаҳ аст.*

**А. АҲМАДЗОДА,**
**дорандаи корти “ройгон”**

# МОШИНУ ХОНАИ НАВ МЕХОҲЕД?

## Иқдоми бузург аз Ориёнбонк

**ҶСК «Ориёнбонк» иқдоми бузургро эълон намудааст. Дар иқдоми бонк ҳар иштирокчӣ имкон дорад, ки соҳиби яке аз 5 хонаи истиқоматӣ дар шаҳри Душанбе ва ё соҳиби яке аз 10 электромобили BYD E2 гардад. Бо истифода аз ҳама гуна хизматрасонии Ориёнбонк, аз ҷумла кушодани суратҳисоби кортӣ, қабули интиқол ба корт, кушодани пасандоз ё гирифтани қарз имкон доред, ки иштирокчии бузургтарин иқдом шавед.**

**Дар подкасти навбатии "Маърифати молиявӣ" оид ба иқдоми Ориёнбонк, шартҳои иштирок дар бозии бурднок бо мутахассиси ин бонк Ҷаҳонгир Қамаров суҳбат намудем.**



**- Дар ибтидо иқдоми Ориёнбонкро ба хонандагон шарҳ диҳед. Он ба хотири чист ва то кай идома меёбад?**

- Иқдом аз Ориёнбонк - ин як барномаи махсус аст, ки бо мақсади ҷалби муштариёни нав ва таҳкими муносибатҳои мавҷуд бо мизоҷон гузаронида мешавад. Ин иқдом метавонад бо пешниҳодҳои махсус, имтиёзҳо ва бурдҳо барои иштирокчиён ҳамроҳ бошад.

Мақсад аз иқдом, асосан, барои беҳтар кардани шуҳрати бонк, афзоиши муштариён ва ҷалби мизоҷони нав равона шудааст. Ҳамчунин, он метавонад ба беҳтар намудани фаҳмиши мизоҷон дар бораи хизматрасониҳо ва маҳсулоти бонк кумак расонад.

Иқдоми мазкур аз 1-уми июли соли 2024 оғоз гардида, то охири соли равон идома меёбад. Бурди туҳфаҳо дар чаҳор даври асосӣ ва як даври бонусӣ баргузор мегарданд, аз ҷумла:

- *даври 1-ум - 7-уми сентябри соли 2024;*
- *даври 2-юм - 22-юми октябри соли 2024;*
- *даври 3-юм - 25-уми ноябри соли 2024;*
- *даври 4-ум - 27-уми декабри соли 2024;*
- *даври бонусӣ - 27-уми декабр соли 2024.*

**- Барои иштирок дар ин иқдом кадом шартҳо муҳиманд?**

- Барои иштирокчии иқдом шудан аз ҷониби муштарӣ - шахси воқеӣ бояд ҳадди ақал 1 амалиёт (хизматрасонӣ) анҷом дода шавад. Аз ҷумла, қабули интиқоли маблағҳо (интиқол ба Тоҷикистон бо асъори хориҷӣ), кушодани суратҳисоби кортӣ (кортҳои НПБ VISA Inc. ё НП "Корти миллӣ"), кушодани суратҳисоби амонатии муҳлатнок ва гузоштани маблағ ба ин суратҳисоб ва қарзи истеъмолӣ гирифта шавад.

**- Агар муштарии бонк якчанд хизматрасониро аз Ориёнбонк истифода барад, чӣ манфиат мебинад? Яъне, барои ӯ ин чӣ медиҳад?**

- Дар ҳолате, ки иштирокчиёни иқдом 2 ва ё зиёда амалиётро (хизматрасонӣ) анҷом диҳанд:

• *(қабули интиқол + кушодани суратҳисоби кортӣ (кортҳои НПБ VISA Inc. ё НП "Корти миллӣ") + кушодани суратҳисоби амонатии муҳлатнок ва гузоштани маблағ ба ин суратҳисоб;*

• *қабули интиқол + гирифтани қарзи истеъмолӣ + кушодани суратҳисоби кортӣ;*

• *кушодани суратҳисоби амонатии муҳлатнок ва гузоштани маблағ ба ин суратҳисоб + гирифтани қарз + кушодани суратҳисоби кортӣ, он гоҳ чунин муштариён ба таври худкор (автоматикӣ) ба рӯйхати иштирокчиёни давраи бонусии иқдом ворид мегарданд.*

**- Оё ман метавонам дар иқдоми Ориёнбонк иштирок кунам, агар алакай муштарии бонк бошам ва баъзе хизматрасониро истифода намоям?**

- Албатта, агар шумо суратҳисоби кортии нав кушоед, қарзи истеъмолӣ гиред ё ки интиқоли маблағ қабул кунед, дар давраи баргузории Иқдом,



шумо ба таври худкор иштирокчии Иқдом мегардед.

**- Аз нигоҳи шумо, ҳамчун мутахассиси бонк, баргузории чунин иқдомҳо ба бонк чӣ медиҳад?**

- Пеш аз ҳама ҷалби муштариён. Чунин иқдомҳо ба бонк кумак мекунанд, ки муштариёни нави бештарро ҷалб кунад ва боиси афзоиши мизоҷон гардад.

Тафсири ном. Бо гузаронидани иқдомҳои ҷолиб, бонк метавонад шуҳрати худро баланд бардорад ва дар бозор шинохта шавад.

Фаъолияти молиявӣ. Иқдомҳо метавонанд ба бонк кумак расонанд, ки афзоиши фаъолиятро дар соҳаҳои гуногун, ба монанди иҷораи хати нави бонкӣ ё қарзҳо ба даст орад.

Ташаккул ва нигоҳ доштани муносибатҳо. Иқдомҳо имконият медиҳанд, ки бонк муносибатҳои дарозмуддат бо муштариён созад ва онҳо бо хидматҳои гуногуни молиявӣ қаноатманд гарданд.

Дар маҷмуъ, иқдомҳо барои бонк роҳи муассир барои беҳтар кардани фаъолияти молиявӣ ва афзоиши бренди он мебошанд.

**- Ғолибон кай ва чӣ гуна эълон мешаванд?**

- Ғолибони иқдом дар ҳар як давр ба воситаи барномаи махсус - "рандомайзер" аз байни иштирокчиёни ҳамон давр интихоб карда мешаванд ва дар пахши мустақим дар саҳифаҳои мо дар шабакаҳои иҷтимоӣ ва канали YouTube-и Бонк эълон карда мешаванд.

Ҳангоми бурд намудани туҳфаҳо ғолибон барои иштирок дар навор таклиф карда мешаванд ва дар вазъияти тантанавӣ соҳиби бурд мегарданд.

**- Кадом механизмҳои муҳофизат шаффофияти қуръакаширо таъмин мекунанд?**

- Барои таъмини шаффофияти қуръакашӣ чанд механизми муҳофизатӣ мавҷуданд.

Назорати мустақил. Шӯроҳои мустақил ё кумитаҳои назоратӣ бо мақсади мониторинг ва таҳлил кардани раванди қуръакашиву таъмин намудани риояи меъёрҳо ва қоидаҳои шаффофият ташкил шудаанд.

Низомномаҳо ва қоидаҳои қатъӣ. Ташкили қоидаҳои дақиқ ва низомномаҳои махсус барои гузаронидани қуръакашӣ, ки аз ҷониби ташкилотҳои муташаккил ва мақомоти назоратӣ қабул шудаанд.

Раванди фавқулода ва мустақим. Баъзе қуръакашиҳо дар шакли онлайн ё бо истифодаи платформаҳои рақамӣ гузаронида мешаванд, ки ҳам шаффофият ва ҳам назорати беҳтари раванди қуръакаширо таъмин мекунанд.

Иҷрои асосии раванд. Назорати дақиқи раванди қуръакашӣ, шиносоии мукаммал ва таърифҳои аниқ, ки шарикони иштироккунандаи аксия ва ҷойгузориро аниқ муайян мекунанд.

Воҳӯрии мизоҷон. Инъикоси натиҷаҳои қуръакашӣ ва ҳисоботҳо дар бораи давраи аксия ва шароитҳои он, то ки ҳамаи иштирокчиён ва мизоҷон бо маълумоти дақиқ ва ҳосилӣ шинос шаванд.

Назорати дохилӣ ва мустақил. Ташкил кардани гурӯҳҳои назорати дохилӣ ва мустақил, ки ҳангоми гузаронидани қуръакаш, равандҳои муҳофизатӣ ва механизми тасдиқи шаффофиятро амалӣ мекунанд.

Ин механизмҳо кумак мекунанд, ки раванди қуръакашӣ бо усули аниқ ва шаффоф гузаронида шавад ва боварӣ ҳосил шавад, ки ҳама иштирокчиён шароит ва қоидаҳои муқарраршудар риоя мекунанд.

**- Шарти асосии иштирок дар бурди калон аз Ориёнбонк кадом аст?**

- Дар иқдом танҳо шаҳрвандони Тоҷикистон, ки ба синни 18 расидаанд, метавонанд иштирок намоянд. Барои иштирок ҳадди ақал яке аз амалиётҳои дар боло зикршударо анҷом додан лозим аст.

**- Сипос барои шарҳи иқдоми бузург аз Ориёнбонк!**

- Саломат бошед!

**Мусоҳиб: Усмон РАҲИМЗОДА**





# ИНШООТИ НАВ ДАР ПОЙТАХТ

## Аз Мактаби ба номи Одина Ҳошим то ҳалли мушкилоти Ховарон



**27-уми август дар шаҳри Душанбе чандин иншооти нав дар соҳаи фарҳангу маориф ба истифода дода шуданд. Дар ифтитоҳи онҳо Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон ва раиси шаҳри Душанбе Рустами Эмомалӣ ширкат варзиданд.**




### Мактаби бачагонаи санъат ба номи Одина Ҳошим

Дар кӯчаи Шамсии ноҳияи Синои пойтахт бо иштироки Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон ва раиси шаҳри Душанбе Рустами Эмомалӣ Муассисаи давлатии «Мактаби бачагонаи санъат ба номи Одина Ҳошим» ифтитоҳ гардид.

Мактаби бачагонаи санъат ба номи Одина Ҳошим дорои шароити муосир барои омӯзиш ва аз худ намудани нозукиҳои санъати мусиқӣ ва рассомӣ буда, аз 4 ошёна иборат мебошад.

Бино ба иттилои хадамоти матбуоти Сарвари давлат, иншоот дорои 61 синфхонаи барҳаво, 4 толори ракс, китобхона, маҷлисгоҳ, синфхонаҳои компютерӣ, ҳуҷраи таъмири созҳои мусиқӣ, толорҳои хурду калони консертӣ, осорхона, ошхона ва дигар иншооти ёрирасон аст. Дар он беш аз 500 нафар дар як баст ба таҳсил ва омӯзиши ҳунарҳои гуногун фаро гирифта шуда, 30 нафар устодони моҳир ва соҳибтахассус ба онҳо малакаи касбӣ ва таърихи санъату назарияи мусиқиро омӯзиш медиҳанд.

### Коллеҷҳои нав дар пойтахт

Дар ноҳияи Шоҳмансури пойтахт бошад, бо иштироки Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон ва раиси шаҳри Душанбе Рустами Эмомалӣ биноҳои муассисаҳои давлатии “Коллеҷи ҷумҳуриявии хореографии ба номи Малика Собирова” ва “Коллеҷи санъати шаҳри Душанбе ба номи Аҳмад Бобоқулов” мавриди истифода қарор гирифтанд.

Иншоот бо усули баланди меъмории шаҳрсозӣ бунёд гардидааст.

“Бино аз 3 ошёна ва таҳхона иборат буда, аз синфхонаҳои кушоду барҳавои дарсӣ, утоқҳои муҷаҳҳази корӣ, тамрингоҳҳо, маҷлисгоҳ, ошхона бо 56 ҷойи нишаст ва дигар иншооти муосири ёрирасон иборат аст. Маҷлисгоҳи бино дорои 126 ҷойи нишаст буда, барои гузаронидани чорабиниҳои фарҳангии муассисавӣ ва консертҳои хурди санҷишӣ мувофиқ аст”,- иттилоъ медиҳад хадамоти матбуоти Сарвари давлат.

Аз теъдоди умумии утоқҳои корию синфхонаҳои дарсӣ 42 синфхона бо 140 ҷойи нишаст ба Коллеҷи ҷумҳуриявии хореографии ба номи Малика Собирова ва 48 синфхона бо 320 ҷойи нишаст ба Коллеҷи санъати шаҳри Душанбе ба номи Аҳмад Бобоқулов рост меояд.



Дар баробари утоқҳои корию синфхонаҳои муосир, ҳамчунин коллеҷ дорои 8 толори барҳавои ракс барои жанрҳои гуногун пешбинӣ гардида, шароити таълим дар муассисаи мазкур ба стандартҳои байналмилалӣ мутобиқ гардонида шудааст.

Муассисаи давлатии «Коллеҷи ҷумҳуриявии хореографии ба номи Малика Собирова» соли 2003 таъсис дода шудааст.

Коллеҷи санъати шаҳри Душанбе ба номи Аҳмад Бобоқулов бошад, соли 1945 ҳамчун омӯзишгоҳи мусиқӣ ташкил ёфта, баъдан бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2-юми августи соли 2014 ба Муассисаи давлатии «Коллеҷи санъати шаҳри Душанбе ба номи Аҳмад Бобоқулов» табдили ном кард.

### Мактаби нав дар маҳаллаи Ховарон

Дар ноҳияи Шоҳмансур бо иштироки Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон ва раиси шаҳри Душанбе Рустами Эмомалӣ бинои Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №9 мавриди истифода қарор дода шуд.

“Зимни боздид аз муассисаи муосири таълимӣ ба Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ дода шуд, ки он аз 4 ошёна иборат буда, барои 2400 хонанда дар ду баст пешбинӣ шудааст”,- иттилоъ медиҳад хадамоти матбуоти Сарвари давлат.

Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 9, ки дар арафаи соли нави хониш кушода шуд, дорои 72 синфхонаю ҳуҷраҳои корӣ ва толори маҷлис бо 500 ҷойи нишаст мебошад.

Гуфта мешавад, ки дар маҳаллаи Ховарон, ки навбунёд аст, норасоии муассисаҳои таълимӣ аз мушкилоти асосӣ ба ҳисоб мерафт. Фарзандони сокинони ин гӯшаи пойтахт то бунёди бинои Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами №9 барои таҳсил тақрибан 3 километр роҳро тай мекарданд.

Ҳамчунин, дар ноҳияи Фирдавсии пойтахт Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 14 мавриди истифода қарор дода шуд. Акнун фарзандони сокинони маҳаллаҳои наздики ноҳияи Фирдавсӣ дар мактаби ҳозиразамон, ки аз 5 бинои 3-ошёна ва 58 синфхонаи кушоду барҳаво иборат мебошад, соли нави хонишро оғоз менамоянд.

Иншооти соҳаи маориф ва илм барои 2 ҳазору 400 хонанда дар ду баст пешбинӣ шудааст.

Дар кӯчаи Маяковскийи ноҳияи Синои пойтахт бошад, бинои нави Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №15 мавриди истифода қарор гирифт.

Иншоот барои 2600 нафар хонанда дар ду баст пешбинӣ шудааст. Ин 4-умин муассисаи таълимӣ аст, ки бо иқдоми соҳибкори ватанӣ Баҳриддин Ҷураҳонов сохта ба истифода дода шуд. Соҳибкор боз уҳдадор гардид, ки як муассисаи нави таълимиро дар пойтахт бо фарогирии 4800 хонанада дар ду баст бунёд намояд.



# ИТТИҲОДИ АВРУПО КОНФРОНСИ ЗОТИ ГӮСФАНДИ ҲИСОРИРО ДАСТГИРӢ НАМУД

**Лоиҳаи Иттиҳоди Аврупо оид ба рушди фарогири деҳот/TRIGGER бо ҳамоҳангии дигар шарикони рушд Конференсия-Фестивал-намоиши сеюми байналмилалии илмию амалӣ: “Проблемаҳои муҳими рушди гӯсфанди ҳисорӣ”-ро дастгирӣ намуд.**




Конфронси мазкур бори сеюм бо ташаббуси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин Академияи илмҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор мегардад. Дар кори конфронс зиёда аз 120 нафар, аз зумраи олимон, мутахассисони соҳа ва мушовирон аз Туркманистон, Қазоқистон, Ӯзбекистон ва Озарбойҷон ва дигар давлатҳо ширкат варзиданд.

Ҳадаф аз баргузории чорабинии байналмилалӣ амалигардонии рушди минбаъдаи соҳаи гӯсфандпарварӣ, тақвияти фаъолияти селексия ва рушди зоти гӯсфанди ҳисорӣ ҳамчун захираи ирсии даставарди мардуми тоҷик мебошад.

Қисмати расмӣ ва пленарии чорабинӣ дар меҳмонхонаи “Ҳаятт” баргузор гардид, ки дар он иштирокчиён масъалаҳои рушди зоти гӯсфанди ҳисорӣ, инчунин бо олимони соҳа ва мушовирони соҳаи гӯсфандпарварӣ фикру мулоҳизаҳои хешро муҳокима намуданд.

Рӯзи дуюми конфронс дар шаҳри Ҳисор баргузор гардид, ки дар он иштирокчиён бо дастовардҳои соҳаи кишоварзӣ ва муваффақиятҳои олимони соҳаи гӯсфандпарварӣ шиносоӣ пайдо карданд. Илова бар ин, дар деҳоти Шӯроби Искандари Ҳисор ба иштирокчиён ва меҳмонон селексияи зотҳои гӯсфанди ҳисорӣ, ба монанди намудҳои “шаҳринавӣ”, “фарҳорӣ” ва “ҳисорӣ” нишон дода шуд. Дар охири чорабинӣ ғолибони фестивалро аз рӯйи номинатсияҳои гуногуни озмун қадрдонӣ карданд.

Бояд қайд намуд, ки хусусияти фарққунандаи гӯсфанди ҳисорӣ аз дигар зотҳо ин шакли хоси сохти бадан, ҷуссаи бузург, думбаи калон, қобилияти зудрасӣ, пойҳои мустаҳками васеъ ва устувор, ҳосилнокии қавӣ мебошад.




Лоиҳаи рушди фарогирии деҳот/TRIGGER лоиҳаи муштараки Иттиҳоди Аврупо ва Вазорати федералии ҳамкориҳои иқтисодӣ ва рушди Олмон (BMZ) буда, ба афзоиши арзиши изофаи маҳсулоти кишоварзӣ дар Тоҷикистон тавассути беҳбуди амнияти об ва устуворӣ, баланд бардоштани ҳосилнокии занҷираҳои арзиши интихобшуда, дастгирии рушди бозор, омодагии содирот, пешбурди соҳибкорӣ ва маслиҳатҳои сиёсӣ равона шудааст.

**Барои гирифтани маълумоти муфассал, лутфан муроҷиат намоед: Шарофат Ашурова, тел.: (+992) 987270046, почтаи электронӣ: sharofat.ashurova@giz.de.**

# ИТТИҲОДИ АВРУПО ИМКОНОТИ МУТАХАССИСОНИ ТОҶИКРО ДАР СОҲАИ ЗАХИРАҲОИ ОБИ ГУСТАРИШ МЕДИҲАД

**Лоиҳаи рушди фарогири деҳот/ TRIGGER, Иттиҳоди Аврупо дар ҳамкорӣ бо консорсиуми FutureWater (Нидерландия) бо дастгирии Вазорати энергетика ва захираҳои оби (ВЭЗО) Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҶТ) сафари омӯзиширо ҷиҳати баланд бардоштани иқтидори мутахассисони соҳаи об дар Тоҷикистон оид ба тақсимоти захираҳои обӣ ва моделсозии гидрологӣ дар шаҳри Вагенинген, Нидерландия баргузор менамояд.**





Ин сафар барои мутахассисони ВЭЗО, Агентии обуҳавошиносии Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (Гидромет) ва Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон таҳия шудааст. Сохторҳои зикршуда дар таъмини амнияти об тавассути ҷорӣ намудани технологияҳои муосир дар таҷрибаи худ нақши муҳим мебозанд.

Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дастгирии техникии Лоиҳаи рушди фарогири деҳот/TRIGGER Стратегияи рушди иқтидори бахши об дар Тоҷикистонро таҳия кардааст. Стратегияи мазкур таҳия ва такмили барномаҳои таълимиро барои баланд бардоштани такмили ихтисоси мутахассисони соҳаи об дар самтҳои дахлдор пешбинӣ намуда, ҳамкориҳоро бо институтҳои байналмилалӣ дар назар дорад.

Дар доираи сафари омӯзишӣ ҷаласаҳо оид ба баланд бардоштани иқтидор барои мутахассисони соҳаи об, аз ҷумла омӯзишҳои амалӣ оид ба истифодаи гидрологияи равандҳои фазоӣ (SPHY) ва азназаргузаронии баҳодиҳӣ ва инчунин банақшагирии об (WEAP) барои ҳавзаи дарёи Зарафшон бо назардошти шаш сенарияҳои тағйирёбии иқлим дар назар аст. Иштирокчиён инчунин дар бораи истифодаи ҳавопаймоҳои бесарнишин (UAVs) дар Донишгоҳи Утрехт омӯзишҳои амалӣ хоҳанд гирифт. Инчунин модули омӯзиши тренерҳо оид ба таксимоти об ва моделсозии гидрологӣ бо истифода аз асбобҳои SPHY ва WEAP баргузор мегардад.

WEAP ва SPHY амнияти обро тавассути таъмини ташаккули ҷараёни об, таҳлили ҳамаҷониба, пешгӯии истифода ва тақсимоти обро беҳтар мекунад.

«Ин сафари омӯзишӣ як имконияти хубест барои ба даст овардани таҷрибаи амалӣ бо воситаҳои моделсозии гидрологӣ, ки барои идоракунии беҳатари захираҳои об дар Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим мебошад. Моделҳои SPHY ва WEAP қобилиятҳои таҳлилҳои анҷомдодаи моро хеле беҳтар хоҳанд кард. Тренингҳо ба мо имкон медиҳанд, ки ба равандҳои таълим пурра машғул шавем ва малакаҳои андӯхтаамонро дар маҳал амалӣ созем»,- гуфт Бузургмеҳр Негматов, ҳамоҳангсози техникии Системаи миллии иттилоотии об дар назди Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Омӯзишҳоро коршиносони варзидаи байналмилалӣ, аз ҷумла мутахассисони FutureWater, Донишгоҳи Утрехт ва Донишгоҳи Фрибург мегузаронанд. Дар доираи сафари омӯзишӣ ҳамчунин воҳӯриҳо бо намояндагони Вазорати инфрасохтор ва идораи об (Шӯроҳои об) дар Гаага ва боздид аз иншооти гуногуни хоҷагии об дар назар дошта шудааст. Ин мулоқотҳо ба табодули таҷриба миёни Тоҷикистон ва Ҳолланд, таҳкими ҳамкориҳои институтсионалӣ ва фаннӣ мусоидат мекунанд.

Омӯзиши дуҳафтаина дар Вагенинген ба иштирокчиён малака ва донишҳои зарурӣ барои мустақилона сохтани моделҳои ҳавзаҳои дарёҳои Тоҷикистонро фароҳам меорад. Тренерони интихобшудаи оянда таҷрибаи техникии зарурро барои гузаронидани модули таълимии «Тақсимоти об ва моделсозии гидрологӣ» барои мутахассисони соҳаи об дар Тоҷикистон мегиранд. Илова бар ин, иштирокчиён малакаҳои нигоҳдории ҳавопаймоҳои бесарнишин ва коркарди маълумотеро, ки бо кумаки онҳо барои мониторинги пиряхҳо ва қабати барф ҷамъоварӣ шудаанд, пайдо мекунанд.

Лоиҳаи рушди фарогирии деҳот/TRIGGER лоиҳаи муштараки Иттиҳоди Аврупо ва Вазорати федералии ҳамкориҳои иқтисодӣ ва рушди Олмон (BMZ) буда, ба афзоиши арзиши изофаи маҳсулоти кишоварзӣ дар Тоҷикистон тавассути беҳбуди амнияти об ва устуворӣ, баланд бардоштани ҳосилнокии занҷираҳои арзиши интихобшуда, дастгирии рушди бозор, омодагии содирот, пешбурди соҳибкорӣ ва маслиҳатҳои сиёсӣ равона шудааст.

**Барои гирифтани маълумоти муфассал, лутфан муроҷиат намоед: Шарофат Ашурова, тел.: (+992) 987270046, почтаи электронӣ: sharofat.ashurova@giz.de.**

# МАҲАЛГАРОӢ БАРОЯШ БЕГОНА БУД

## Зикри хайри генерал-майор Худойқул Ҳамроқулов

**Генерал-майор Худойқул Ҳамроқуловро тамоми кормандони кумитаҳои амният ва гумруки кишвар ҳамчун роҳбари оқилу доно, хирадманду адолатпеша ва нексифату некрафтор, хоксору бофарҳанг, бошарафу баномус мешиносанд.**



### Мактаби тарбият

Генерали ҳақиқӣ буданду таърифу тавсифро наменисандиданд, ба он эҳтиёҷ ҳам надоштанд, хидматҳояшонро барои ташкил ва рушди Кумитаи гумрук, баркарории сохти конститутсионӣ ва сулҳу субот дар ҷумҳурӣ, расидан ба муросои миллӣ, таъмини амнияти кишвар тамоми ҳамватанон ва масъулони ин соҳаҳо ба хубӣ медонанд.

Аз ин рӯ, банда қарзи инсониву шогирдӣ ҳисобидам, нисбати шодравон, ки муҳлати реҳлаташон як моҳ нашудааст, баъзе аз лаҳзаҳои ибратомӯзи ҳаёту фаъолияташонро ҳамчун дарси садоқат ба Ватану миллат, одаму одамгарӣ, некиву накӯкорӣ, шуҷоату мардонагӣ ва вафодорӣ ба касбу кори хеш ба хотир оварам, то барои роҳбарони ҷавон ва умуман, ҷавонони баору номуси кишвар намунаи ибрат, мактаби тарбият ва сабақи рӯзгор бошад.

### Аввалин дидор

Дар муддати фаъолияти хизматиам, аз ҷумла дар давраи хидмат дар мақомоти амнияти кишвар аз соли 1983 то инҷониб бо ашхоси покиза, хоксору фурӯтан, хирадманду дурандеш, инсондӯст, ба Ватану миллати хеш содиқу ғамхор ва баору номус, ки баъзеашон роҳбар ва дигаре ҳамкор буданд, шарафи якҷоя таъмин намудани амнияти ҷумҳурӣ, зиндагии оромонаи мардуми шарифамон муяссарам гардидааст. Ифтихор аз он дорам, ки дар ин муддат бо марди наҷиб, фарзанди барӯманди миллат генерал-майор Ҳамроқулов Х. Ҳ. шинос шудаам, чанд муддат таҳти сарварии эшон фаъолият карда, аз хизматҳои ибратомӯзи ин фарди накӯном дар як фосилаи таърих аз наздик шинос ҳастам.

Бори аввал, вақте ки мо як гурӯҳ афсарон барои супоридани имтиҳон аз забони хориҷӣ ба Раёсати амният дар вилояти Кӯлоб рафта будем, моро муовини сардори Раёсат оид ба кор бо кадрҳо Худойқул Ҳамроқулович хеле хуш қабул намуданд. Гуфтанд, ки имсол имтиҳони забони хориҷӣ аз кормандон дар Раёсати онҳо гузаронида мешавад.

Афсарони Раёсати вилоят дар вақти суҳбат бо ифтихор роҳбарашонро ҳамчун марди адолатпешаю боғайрат тавсиф мекарданд.

### Маҳалгароӣ барояш бегона буд…

Зери роҳбарӣ ва серталабии устод Ҳамроқулов Х. Ҳ. гурӯҳи афсарони амният, ки мувофиқи талаботи давр дар мусобиқаҳои панҷҳарбаи варзишӣ иштирок мекарданд, чанд сол пай дар ҳам дар Осиёи Марказӣ дар байни Раёсатҳои амният ҷойи аввалро ишғол менамуданд.

Соли 1988 ба вазифаи муовини сардори Раёсати амният дар вилояти Қӯрғонтеппа таъин шуданд. Мавсуф дар ин вазифа низ аз рӯи масъулияти баланд хидмат намуда, дар ҷобаҷогузории объективонаи кадрҳо, тарбияи сиёсӣ ва баланд бардоштани маҳорати касбии онҳо саҳми босазое гузошта буданд.

Он вақт дар идораи амнияти кишвар намояндагони миллатҳои дигар зиёд буданд, ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, устод Ҳамроқулов кадрҳои маҳаллиро, ки босаводу боғайрат ва бонангу баномус буданд, ҳаматарафа дастгирӣ мекарданд, бо онҳо машғулиятҳои махсус барои баланд бардоштани малакаи касбӣ ташкил мекарданд, дар вақти таъиноти афсарон ба вазифаҳои масъулияташон баландтар онҳоро дастгирӣ менамуданд, дар ҳолатҳои зарурӣ ба онҳо сипар мешуданд.

Барои генерал-майор Ҳамроқулов Х. Ҳ. маҳалгароӣ бегона буд, вай фарзанди фарзонаи миллат, соҳибватани ҳақиқӣ буд, аз хурдтарин муваффақияти афсарон хурсанд мешуд, танбалону бемасъулиятонро наменисандид.

Худойқул Ҳамроқулович қобилияти баланди одамшиносӣ доштанд. Ба кормандон на аз рӯи сухан, балки кору рафтор ва амалашон баҳо медоданд, афсаронро ба роҳи росту дуруст ҳидоят менамуданд.

### Боварии мардум

Соли 1990 устод барои интихоб шудан ба ҳайси вакили мардумӣ дар баробари панҷ номзади алтернативӣ дар ноҳияи Данғара ба қайд гирифта шуданд.

Барои дӯсти азизи мо дар байни 5 номзад, ки чор нафарашон кормандони масъули ноҳия буданд, ғалаба кардан кори осон набуд, ду нафари онҳо роҳбарони хоҷагиҳо буданд ва имконияти кумаки иқтисодӣ намудан ба интихобкунандагонро доштанд. Дар ҳамин набард устод ба интихобкунандагон ваъдаи ҳимояи қонун ва адолатпешагиро, ки карда буд, ғалаба кард. Вай борҳо дар суҳбатҳои хоса ин боварии мардуми шарифи ҳақбини ноҳияи Данғараро қайд карда буд.

### Поягузори кумитаи гумрук

Дар аввали солҳои 90-ум Худойқул Ҳамроқуловичро ба вазифаи роҳбари нахустини Кумитаи гумруки ҷумҳурӣ таъин намуданд. Арзанда аст, ки дӯсти азизи моро поягузори Кумитаи гумруки ҷумҳурӣ меҳисобанд. Вай ин Кумитаро ба як идораи ҳозиразамон табдил дод, ба мураккабии вазъият нигоҳ накарда, тавонистанд, ки Қонуни ҶТ "Дар бораи гумрук"-ро дар Иҷлосияи 16-уми таърихсози соли 1992 дар шаҳри Хуҷанд қабул намоянд.

Дар як муддати кӯтоҳ бехтарин кадрҳои лаёқатманду олимони ҷавони иқтисоддонро ба Кумита ҷалб намуданд, то ин ки иқтисоди кишварро ҳифз намоянд, пеши кочоқу ғоратгунии кишварамонро бо кормандонашон дар ҳамон лаҳзаҳои вазъияти муташанниҷ бигиранд. Бо қисме аз афсарони баландрутбаи Кумитаи гумрук шинос ҳастам ва онҳо дар ҳама суҳбатҳо бо ифтихор генерал Ҳамроқуловро устоди хеш медонанд ва дар бораи озодамардию боғайратиаш, тозакорию бовиҷдониаш қайд намуда, вайро гумрукчии рақами 1 ва чекисти арзанда меҳисобанд.

### Дар хизмати Ватан

Соли 1997 генерал-майор Ҳамроқулов Х. Ҳ. бо фармони Президенти кишвар муовини вазири амнияти ҷумҳурӣ таъйин карда шуданд. Дар барқарор кардани сохти конститутсионӣ саҳми босазое гузоштаанд. Борҳо бо супориши Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳайати комиссияи босалоҳият ба минтақаҳои вазъияташон мураккаб сафар карда, бо намояндаҳои мухолифин дар мулоқотҳо иштироки бевосита кардаанд.

Бе ягон муҳобот, Худойқул Ҳамроқулович ҷавонмарде буданд, ки ҷони худро барои ҳимояи халқу Ватан ва манфиатҳои он чӣ дар замони шӯравӣ ва чӣ соҳибистиқлолии кишвар, борҳо зери хатар гузоштаанд. Вай дар давраи хизмати аскариаш соли 1968 дар ба эътидол овардани вазъият дар Ҷумҳурии Чехословакия, охири солҳои 80-уми асри XX саҳм гузошта бошад, борҳо бо супориши махсуси Кумитаи амният ба Афғонистон сафарҳои хизматӣ кардааст.

Нақл карда буданд, ки боре вақти сафар дар яке аз минтақаҳои вилояти Тахор, барои як қисми ҳарбии махсуси Артиши Шӯравӣ, ки ҳамон вақт баҳри ёрии башардӯстона дар Ҷумҳурии Исломии Афғонистон буд, таъмини оби нӯшокӣ мушкил мешавад. Муҷоҳидин ва мардуми маҳаллии силоҳбадаст намегузоштанд, ки аз деҳаи онҳо барои аскарбачаҳо оби нӯшокӣ таъмин карда шавад. Дар натиҷаи гузаронидани суҳбатҳои инфиродӣ бо роҳбар ва имомхатиби масҷиди деҳа ва гузаронидани якчанд чорабиниҳои оперативӣ аз тарафи подполковник Ҳамроқулов Х. Ҳ. ва як афсари масъули дигар онҳо розӣ шуданд, ки оби нӯшокиро аскарон омада аз деҳаи онҳо гиранд.

Дар муддати ба ҳайси муовини раиси амният фаъолият карданашон, барои таъмини бехатарии кишвар, барои таъмини сулҳ, дар баробари дигар роҳбарони амнияти кишвар генерал-полковник С. Зуҳуров, генерал-лейтенантҳо марҳумон А. Купсов ва С. Камолов, генерал-майорҳо Д. Мамадризобеков, Б. Абдуллоев, Э. Муҳиддинов, А. Солибоев, Д. Бобоев ва марҳум Ш. Ҷобиров хизматҳои беназире кардаанд.

### Баъди нафақа…

Устод дар соҳаи илм низ пешқадам, номзади илмҳои иқтисодӣ буданд.

Барои хизматҳои содиқона ба Ватан бо фармони Президенти ҶТ бо ордени "Спитамен" ва якчанд медалу ифтихорномаҳо мукофотонида шуда буданд.

Моҳи июли соли 2024 генерал-майор Ҳамроқулов Х. Ҳ. барои ҳамкории ҳамаҷониба бо сарҳадбонони тоҷик дар ҳифзи сарҳади давлатӣ, бо Фармони Фармондеҳи Қӯшунҳои сарҳадӣ бо медали ҷашнии 30-солагии ташкилёбии Қӯшунҳои сарҳадии КДАМ ҶТ сарфароз гардонида шуданд. Дар ҳолати қабули медали номбаршуда устод иброз намуданд, ки Дидбонгоҳи сарҳадии дар наздикии боғашон, дар деҳаи Фароб бударо ба "сарпарастӣ" мегиранд.

Баъди ба нафақа баромадан дӯсти азизу ҳамрози мо қариб 3 сол муовини раиси шаҳри Душанбе шуда, дар ободонӣ бахшида ба 80-солагии пойтахт саҳми босазое гузошта буданд. Солҳои охир директори генералии ширкати саёҳии ҶММ " Ориент Адвентур" буданд. Бояд қайд намоям, ки 3 соли охир ин ширкати саёҳӣ дар байни зиёда аз 250 ширкати саёҳии ватанӣ ҷойи аввалро ишғол намуда, сайёҳонро аз зиёда аз 30 давлат қабул ва гусел менамоянд.

### Аз некон боғ…

Шодравон Худойқул Ҳамроқулов 25-уми марти соли 1947 дар деҳаи зебоманзари Фароби шаҳри Панҷакент таваллуд шуда, 77 сол умри бобаракат аз сар гузарониданд ва 6-уми августи соли 2024 моро падруд гуфтанд.

Дар деҳаи номбурда дар масоҳати зиёда аз 10 гектар боғи дарахтони мевадор - 8 намуди себ, 7 намуди шафтолу, 8 намуди олу, 6 намуди зардолу ва дигар намудҳои дарахтони мевадиҳандаро парвариш карда, ба ҳосил оварда буданд. Дар боғашон зиёда аз 20 намуди ниҳоли ҷормағз ва 47 намуд гулҳои гуногун шинонида буданд.

Он кас яке аз аввалин нафароне мебошанд, ки дар деҳаи баландкӯҳи Фароб дар шароити гармхона тавонистанд ниҳоли лимуи водии Вахшро то ба ҳосили фаровон оварда расонанд. Аз натиҷаи меҳнаташон боифтихор гап мезаданд. Марди саҳӣ ва дасткушод буданд. Аз бозори ниҳол барои ҳамсояҳо ва ҳатто мазори деҳа чанд маротиба садҳо арча харида, барои шинонидан ройгон тақсим мекарданд. Дар боғи парваришкардаи устод ниҳолҳо ё тухмии мевачот ва гулҳо ба воситаи рафиқонашон аз Аврупо, Осиё, Африқо ва Ҳиндустон оварда шудаанд ва онҳо дар хоки Фароб сабзидаанд.

Шоири ширинкалом ва Қаҳрамони Тоҷикистон Мирзо Турсунзода дар бораи ин гуна мардони майдон дуруст гуфтаанд:

*Дарахти дӯстӣ биншон,*
*ки коми дил ба даст орад,*
*Ниҳоли душманӣ баркан,*
*ки ранҷи бешумор орад.*

**Р. МАҲМАДАЛИЕВ,**
**генерал-майор,**
**собиқадори Кумитаи**
**давлатии амнияти**
**миллии ҶТ**

## КОНФРОНСИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

# МОНИТОРИНГИ ПИРЯХҲО ВА КӮЛҲОИ ПИРЯХӢ - ИДОРАКУНИИ ХАВФҲО



**26-уми августи соли равон аввалин Конфронси байналмилалии назорати пиряхҳо ва кӯлҳои пиряхӣ - идоракунии хавфҳо аз ҷониби Агентии Гидрометеорологии Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии Оғохон оид ба макони зист (АКАН) бо дастгирии молиявии Ҳукумати Швейтсария дар доираи амалишавии лоиҳаи "Ҷомеаҳои мутобиқ ва устувор дар муҳити зисти худ (ARCH)" баргузор гардид. ARCH як ташаббуси муштараки АКАН ва шарикии дарозмуддат бо Ҳукумати Тоҷикистон ва Ҳукумати Швейтсария мебошад.**

Боиси хурсандист, ки ин конфронс ба иҷрои ташаббуси Пешвои миллат, Президенти мухтарами Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон оид ба ҳифзи пиряхҳо, ки аз ҷониби СММ бо қатъномаи махсус қабул гардидааст, бахшида шудааст.

Дар кори конфронс намояндагони Парлумони кишвар, Академияи миллии илмҳо, олимон ва мутахассисони амалӣ дар масоили муҳити зист, созмонҳои байналмилалӣ, ҷомеаи коршиносон, муассисаҳои илмӣ, намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ, номзадҳо ва докторон, мақомоти маҳаллии марбута, донишҷӯён ва омӯзгорони факултаҳои геологӣ ва экологии донишгоҳҳои кишвар ширкат варзиданд.

Конфронс имконият фароҳам овард, ки шарикони байналмилалӣ дар бораи корҳои худ, таҳқиқот ва бардоштҳояшон аз ҳаводиси ахир, ки ба мониторинги пиряхҳо алоқаманд аст, изҳори назар намуда, ҳамчунин таваҷҷуҳро ба хатарҳо, аз қабили тармафароӣ, сел ва бартараф кардани оқибати онҳо равона намуданд.

Дар давоми ҳамоиш ба иштирокчиён дар бораи оқибатҳои харобиовари сел ва тадбирҳое, ки барои пешгирии бавуҷудоии он, банақшагирии хавф дар асоси чаҳорчӯбаи муқовимат бо тағйирёбии иқлим, ки аз ҷониби ҳукумат ва шарикони дахлдор татбиқ мешаванд, маълумот дода шуд.

Қобили қайд аст, ки конфронс барои мубодилаи ғояҳо ва интиқоли дониш байни олимон, таҷрибаомӯзон ва сиёсатмадорон муҳити мусоид фароҳам оварда, ба пешрафти илмӣ дар самти хатарҳои марбут ба зуҳуроти селӣ, тадбирҳои коҳиш ва вокуниши онҳо, ҳамзамон дар баробари баланд бардоштани огоҳӣ дар бораи хатарҳо ва идоракунии илмӣ ва технологии онҳо, ба ташаккул ва пешбурди шарикӣ ва ҳамкории шабакавӣ дар байни коршиносони иштирокчӣ мусоидат хоҳад кард.

Дар конфронс Намояндаи доимии Агентии Оғохон оид ба Рушд (АКДН) Қозидавлат Қоимдодов сухаронӣ намуда, қайд кард, ки дар сатҳи байналмилалӣ ташаббус оид ба ҳифзи пиряхҳоро Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ба миён гузошт, ки он аз ҷониби СММ ва кишварҳои ҷаҳон дастгирӣ ёфт. Ёдовар мешавем, ки ҳанӯз моҳи марти соли 2021 зимни ҷаласаи нахустини раҳбарони Иттиҳодияи обу иқлим Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон қайд карда буд, ки «обшавии пиряхҳо метавонад ҷомеаи ҷаҳонро ба оқибатҳои ногувор рӯ ба рӯ созад".

Дар робита ба ин, Президенти кишвар пешниҳод кард, ки ба хотири ҷалби таваҷҷуҳ ба ин масъала дар сатҳи байналмилалӣ соли 2025 «Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо» эълон шуда, ҳамчунин як фонди махсуси байналмилалии ҳифзи пиряхҳо таъсис дода шавад. "Аз ин рӯ, мо шарикони рушд ба Ҳукумат пешниҳод кардем, ки дар якҷоягӣ бо тамоми шарикон як қатор чорабиниҳои муҳим, аз ҷумла ин конфронси байналмилалӣ оид ба мониторинги пиряхҳо ва идоракунии хавфу хатарҳоро гузаронем. Натиҷаи конференсияи имрӯза ба умумигардонии таклифҳои мушаххас дар бобати тартиб додани ҳуҷҷатҳои нави барномавӣ мусоидат мекунад",- зикр кард Қозидавлат Қоимдодов.



---

**То ҳанӯз мардуми Тоҷикистон ва тоҷикони Ӯзбекистон, ҳатто аҳли илму адаб, зиёиён рӯду рӯдак ва ҷӯйҳоро дарёю дарёча мегӯянду менигоранд. Дарёҳои аслиро баҳр (арабӣ) мегӯянд. Ин ғалатгӯию ғалатнигорӣ аз куҷост?**

# МО ДАРЁ (НА) ДОРЕМ?

Чун дар ҳудуди Хуросону Мовароуннаҳр, Афғонистону Аморати Бухоро - Бухорои Шаркӣ, Тоҷикистони имрӯза дарё набуд ва дарёҳои воқеиро надида буданд, рӯду рӯдак ва ҷӯйҳоро дарёю дарёча мегуфтанд, дарёҳои аслиро баҳрҳо (арабӣ) - баҳри Сиёҳ, Миёназамин, Балтик, Ҷопон, Чин...

Одамушшуаро ҳазрати Рӯдакӣ ва ҳамзамононаш дар аҳди Сомониён обҳои калони ҷории рӯдхонаҳоро рӯду рӯдак мегуфтанд. Рӯди Ому, Сир, Панҷ, Кофарниҳон, Зарафшон, Нил, Фуроту Даҷла...

Рӯдхонаҳои оби ҷории камтар доштаро рӯдак мегуфтанд.

**Устод Рӯдакӣ мегӯяд:**

*Рӯди Ому бо ҳама паҳноварӣ,*
*Хинги моро то миён ояд ҳаме.*

Агар рӯд дарё мебуд, он вақт Рӯдакӣ ҳам дарё мегуфт.

**Турсунзода баъдан гуфт:**

*Рӯди ман, олам дигар шуд,*
*ту ҳамон ҳастӣ, ҳамон...*

Обҳои чашмасорону барфу пиряхҳо, ки аз тариқи ҳавзаи рӯдхонаҳо, миёни хушкӣ ба як тараф равонанд ва аз ҳарду канори рӯд, канори муқобил ба чашм хеле хуб аён аст ва дар охир ба дарё ҳамроҳ мешаванд, рӯд мебошанд. Канори рӯдхонаҳоро соҳил намегӯянд, чун соҳил хоси дарёҳост. Нисбати рӯдҳо канори рӯд ё лаби рӯд гуфтан хос мебошад.

Дарё - ин обҳои калоне мебошад, ки як қисми аъзами заминро фаро гирифта ва дар он киштиҳо озодона шино мекунанд ва маҷрои муайяни ҳаракати яктарафа надоранд. Фақат дар зери таъсири ҷозибаи Моҳ - рӯйдоди табиӣ - маду ҷазр оби дарёҳо ҳаракати рафту баргашти шабонарӯзӣ доранд. Канорҳои муқобили дарёҳо соҳилҳо аз ҳам хеле дур ва ба чашм ноаёнанд. Дарёҳо ҳаммарз дар канори укёнусҳо ҷойгир мебошанд. Мисли дарёи Умон, Медитарона (Миёназамин), дарёи Баренс, Балтик, Ҷопону Чин. Ҳастанд дарёҳои калон, ки масоҳати васеъ аз заминро пӯшонидаанд ва ҳама тарафҳояшонро замин иҳота намудааст. Соҳилҳояшон чун дарёҳо хеле дуру ноаёнанд ва ба укёнус пайваст наянд. Чунин обҳо дарёчаанд: мисли дарёчаи Ҳазар, Арал, Байкалу Балхаш ва дигарон, ки мо то ҳол кӯлашон мегуфтем.

Оби дарёю дарёчаҳо хело шӯр буда, қобили истеъмол ва истифодаи кишоварзӣ намебошанд, ба ғайр аз дарёчаи Байкал.

Истифодаи вожаи «Мавҷ» акнун дар ростои рӯдхонаҳо ғалат аст, вожаи мавҷ хоси дарё аст.

Мавҷҳои дарё - ин обҳои қисми болои ба чашм аёни дарёҳо ҳастанд, ки дар натиҷаи бод ва тӯфонҳои дарёӣ ва гоҳо дар натиҷаи заминларзаҳои зери дарёӣ, ки бисёр азим ва ҳавлнок-сунома шуда, ба канори дарё - соҳил бархӯрда, боз қафо бармегарданд. Гоҳо хеле даҳшатнок ва харобиовар мешаванд.

Он талотуми рӯдҳои кӯҳӣ на мавҷ, балки лаппиш ва шалфаи обҳои рӯдхонаҳои кӯҳиянд, ки дар натиҷаи суръати баланди ҳаракат, об сарозер ба саҳраву харсангҳои рӯд бархӯрда, лаппишҳоро ба вуҷуд меоварад.

Гузаштагони машҳури мо, мардуми бофарҳанги шаҳрнишин рӯдҳои калони сероб (наҳрҳо)-ро рӯд ва рӯдҳои хурдтарро рӯдак мегуфтанд. Аз миёни деҳаи зодгоҳи одамушшуаро Рӯдакӣ рӯдаке мегузашт, ки номи деҳа ҳам аз ҳамон аст. Аз рӯдакҳо хурдтарашро тоҷикон ҷӯй мегӯянд.

Тасдиқаш шеъри машҳури Ҳазрати Рӯдакӣ:

*Бӯи ҷӯйи Мулиён ояд ҳаме,*
*Ёди ёри меҳрубон ояд ҳаме.*

Фармондеҳони нерӯҳои дарёи низомии Эронро (флоти ҳарбӣ-баҳрӣ) дарёдор, дарёбон ва дарёсолор (рутбаи олӣ - адмирали флот) мегӯянд.

Таърифҳои дар боло оварда нисбати рӯду дарёҳо аз китобҳои фарҳангӣ, забони форсию тоҷикӣ оварда шудаанд. Китоби «Фарҳанги забони тоҷикӣ» дарёро баҳр гуфта, дарёҳои Мағриб - миёназамин, дарёи Умон, дарёи Хазар, дарёи Сурх, дарёи Аҳзар - укёнуси Ҳиндро мисол меоварад.

Асари тахаюлотию афсонавии адабиёти қадимаи шарқ «Синбоди дарёгард» аз саргузашти аҷибу ғарибу дарёнавард Синбод дар сафарҳои дарёиаш қисса мекунад. Овони наврасиам ин китобро хонда будам. Ман ҳам, ки дарё надида будам, рӯди Панҷро дарё мепиндоштам ва дарёсолор оғои Синбодро бо ҳама шуҷоатy матонаташ дар рӯди Панҷу Ому тасаввур доштам. (Ноҳияи мо - Панҷ аз се тараф дар бағали рӯди Панҷ аст).

Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро мебояд, ки дар ин мавриди андеша намояд...

**Сабурӣ Умаралӣ АБДУЛҲАЙ,**
**фарҳангшинос**

# ҲУШДОРИ ВКД БА МИЗОҶОНИ ҶОДУГАРОН

**Вазорати корҳои дохилии Тоҷикистон акнун нафаронеро, ки ба назди фолбину ҷодугар мераванд, ба мақомот даъват карда, баъди тартиб додани мавод бо аксҳояшон дар махзани ВКД мегузорад. Дар ин бора сомонаи ин ниҳод хабар медиҳад.**



ВКД мегӯяд, ин тасмим бо мақсади пешгирии қонуншиканиҳо дар самти фолбиниву ҷодугарӣ аст.

Ин ниҳод дар як изҳорот гуфт, "танҳо дар як моҳи охир зиёда аз 150 нафар чунин ашхос (онҳое, ки ба назди фолбину ҷодугар рафтаанд,- муаллиф) ба қайди Вазорати корҳои дохилӣ ворид гашта, нисбати онҳо чораҳои қонунӣ андешида шуда истодааст”.

Мақомоти корҳои дохилии кишвар нигаронӣ кардааст, ки “баъзе шаҳрвандон ба сеҳру ҷоду бовар намуда, ба назди фолбинону ҷодугарон рафта, барои амалӣ намудани амалҳои ҷинояткоронаи онҳо маблағ дода, ба гуфтаи онҳо боварӣ намуда истодаанд”.

Сабти номи нафароне, ки пеши фолбину ҷодугар мераванд, дар ҳолест, ки чанд моҳи охир боздошти фолбинҳо дар кишвар зиёд шуд. Тибқи иттилои ВКД, то моҳи август танҳо дар Душанбе бо иттиҳоми фолбиниву ҷодугарӣ 141 нафар ва дар Хатлон қариб 70 нафар боздошт ва аксарашон ҷарима шудаанд.

Ёдовар мешавем, ки тибқи муқаррароти нави Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Тоҷикистон барои машғул шудан ба фолбинӣ ва ҷодугарӣ нисбати шахсони воқеӣ ҷарима ба андозаи аз 80 то 100 нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё ҳабси маъмурӣ ба мӯҳлати аз 10 то 15 шабонарӯз таъин карда мешавад.

Илова бар ин, ба моддаи 240-и Кодекси ҷиноятии кишвар банди нав ворид карда шуд, ки тибқи он дар сурати такроран содир кардани ин кирдорҳо дар давоми як сол пас аз татбиқи ҷазои маъмурӣ, нисбати фолбинҳо парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда мешавад. Онҳоро ҷарима ба андозаи аз 1500 то 2000 нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳрумият аз озодӣ ба мӯҳлати аз як то ду сол таҳдид мекунад.

# КӮДАК ДАР ЗЕРИ ЧАРХИ МОШИНИ МОДАР



**Дар шаҳри Истаравшан кӯдаке зери чархи мошини модараш монда, баъди муддате даргузашт.**

ВКД Тоҷикистон дар хабаре рӯзи 24-уми август навишт, ки ҳодиса 19-уми август тахминан соатҳои 11:30-и шаб рух додааст. Модари 27-сола мошини сечархаи тамғаи «Fupenq»-ро "дар ҳамшафати манзили истиқоматиаш идора намуда, аз уҳдаи идораи воситаи механикӣ набаромада, маҳз аз рӯи муносибати бепарвоёна бо қисмати паси воситаи механикӣ фарзанди хурдсоли 3-солаашро пахш намуда, ҷароҳати ҷисмонӣ расонидааст”.

Бино ба ин хабар, модар "бо мақсади пинҳон доштани ҳодиса фарзанди хурдсолашро дар вазъияти барои ҳаёт ва саломатиаш хавфнок қарор дода, ӯро ба беморхона дастрас накардааст”.

“Дар натиҷа, кӯдак аз ҷароҳатҳои бардошта ба ҳалокат расид”,- гуфтааст ВКД.

ВКД гуфт, ки зан дастгир ва бо гумони аз беэҳтиётӣ ба марг расонидан ва дар хатар монондан ба ҷавобгарӣ кашида шудааст.

# ПОРА БАРОИ “БИЛЕТИ ҲАРБӢ”

**Агентии мубориза бо коррупсияи Тоҷикистон рӯзи 26-уми августи соли 2024 дар бораи ошкор шудани боз ду ҳолати тасарруфи маблағи шаҳрвандон барои омода намудани шаҳодатнома бар ивази билети ҳарбии носолим аз ҷониби як корманди мизи ҳарбӣ дар шаҳри Хуҷанд хабар дод.**




Бино ба гузориши маркази матбуоти агентӣ, “Абдуллоев И. А. аз 12-уми августи соли 2020 то 24-уми январи соли 2022 дар вазифаи мутахассиси бақайдгирии мизи ҳарбии «Истифодабарии манзил»-и соҳили чапи шаҳри Хуҷанд фаъолият намуда, дар асоси маслиҳати пешакӣ бо шаҳрванд Абдуллоева М. Н. моҳи марти соли 2020 бо роҳи фиреб ба боварии шаҳрванд А. А. И. даромада, аз номбурда бо баҳонаи ба набераш омода намудани шаҳодатнома бар ивази билети ҳарбии носолим 12 000 сомониро талаб карда гирифта, бо истифода аз техникаи компютерӣ шаҳодатномаро бо роҳи сохтакорӣ омода карда, ҳуҷҷати бараъло қалбакиро ба шаҳрванд А. А. И. додаанд”.

“Ғайр аз ин,- меафзояд агентӣ,- Абдуллоев И. А. кирдори ҷинояткоронаи худро идома дода, моҳи майи соли 2024 ба шаҳрванд И. Ф. худро ҳамчун корманди Комиссариати ҳарбии вилояти Суғд муаррифӣ карда, аз номбурда бо роҳи фиреб барои омода намудани шаҳодатнома бар ивази билети ҳарбии носолим ба номи бародараш И. М. ҷамъ маблағи 10000 сомониро талаб карда гирифта, маблағи зикршударо ба эҳтиёҷоти шахсиаш тасарруф намудааст”.



**Раёсати корҳои дохилии шаҳри Душанбе аз боздошти як ҷуфти ҷавон бо иттиҳоми дар сомонаи “Сомон.Тҷ” нашр кардани эълони бардурӯғ дар бораи иҷора додани манзил дар пойтахт ва бо ин васила фиреб додани беш аз 15 нафар хабар дод.**

Ин зану шавҳар, ки Э. Латипов ва Н. Камолова ном бурда мешаванд, худро риэлтор муаррифӣ карда, аз шаҳрвандони муҳтоҷи хона барои дидани хонаи иҷора пул мегирифтаанд. Феълан аз болои ин ҷиноят парванда боз шуда, тафтишот идома дорад.



**Суди дуюми ҳавзаи ҳарбии ғарбии Русия дар шаҳри Маскав рӯзи 26-уми августи соли 2024 Нозимова ном як зан аз Тоҷикистонро ба далели ба модараш аз Сурия фиристодани 15 ҳазор сомонӣ ба маблағгузории терроризм гунаҳкор шинохта, ба 8 соли зиндон маҳкум кард.**

Евгений Зубов, қозии парванда зимни қироати ҳукм гуфт: "Нозимова бар асоси қисми панҷуми моддаи 33 ва қисми 1.1 моддаи 205.1 Кодекси ҷиноятии Русия (мусоидат ё ҳамдастӣ ба фаъолияти террористӣ) гунаҳкор дониста шуда, ба муддати 8 сол аз озодӣ маҳрум карда шуд". Бо қарори додгоҳ Нозимова ҳукмашро дар маҳбаси низомаш умумӣ адо хоҳад кард.



**Кормандони шуъбаи ВКД дар ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе ду узви гурӯҳи фаромиллии нашъаҷаллобонро боздошт намуданд. Дар ин бора аз Раёсати ВКД-и пойтахт хабар доданд.**

Гумонбаршудагон Ҷавлонбек Шарипов ва Нозим Раҳимҷонов, сокинони шаҳри Истаравшан мебошанд. Зимни боздошт аз онҳо 50 кило моводи нашъаовари навъи ҳашиш дарёфт ва мусодира шудааст.

Гуфта мешавад, нисбати боздоштшудагон тибқи моддаи 200 Кодекси ҷиноятии Тоҷикистон парвандаи ҷиноятӣ оғоз гардидааст. Дар ин модда ҷазои маҳрумият аз озодӣ ба мӯҳлати аз 5 то 10 сол пешбинӣ шудааст.

# САКТАИ МАҒЗӢ

## Сабабҳои гирифторӣ ва роҳҳои пешгирӣ



**Тибқи нишондодҳои омории Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ ҳамасола дар ҷаҳон зиёда аз 10 млн нафар одамон ба сактаи мағзӣ - инсулт гирифтор мешаванд.**

Аз ин шумора 5 млн нафарашон фавтида, аз теъдоди умумии зиндамондаҳо 80%-ашон маъюб мешаванд. 30%-и шахсоне, ки инсултро аз сар гузаронида, маъюб гаштаанд, ба парастор ниёз доранд, 20%-и дигар роҳ гашта наметавонанд.

Хулоса, инсулт як проблемаи глобалии ҷаҳони муосир мебошад, вале бино ба таъкиди муҳаққиқони ТУТ дар 90%-и ҳолатҳо сактаи мағзӣ - инсултро пешгирӣ кардан мумкин аст.

### Инсулт чист?

Хайрулло Иззатов, сармутахассиси Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ оид ба бемориҳои асаб зимни як муҳовараи хеш гуфтааст:

- Фаъолияти муътадили майнаи сар, ки ба назорати ҳаракат, рафтор ва гуфтори инсон масъул аст, ҷараёни доимии хун дар рагҳои сарро тақозо мекунад. Ҳуҷайраҳои майна нисбат ба дигар узвҳои бадан ба норасоии оксиген ҳасостаранд, зеро нейронҳо қобилияти нигоҳдорӣ ва захира кардани оксигенро надоранд. Шояд аз ҳамин сабаб табиат майнаро бо тури рагҳои хунгард печонидааст. Оксигенро ба мушаку бофтаҳои сар хун мекашонад.

Инсулти мағзӣ як ихтилоли якбора ва босуръати гардиши хун дар сар, яъне халалдор шудани гардиши хун дар рагҳои он мебошад. Вақте ки бо хун таъмин кардани бофтаҳо ва ҳуҷайраҳои сар нокифоя аст, онҳо аз норасоии ҳаво оҳиста-оҳиста маҳв мешаванд. Ҳангоми канда ва ё комилан маҳкамшавии раг, ҳуҷайраҳои як қисми майна аз оксиген маҳрум монда, мемиранд ва дар он қисми майна сактаи мағзӣ - инсулт рӯй медиҳад.

### Намудҳои асосии инсулт

Асосан ду намуди сактаи мағзӣ кори системаи марказии асабро бештар халалдор мекунанд.

*1. Сактаи ишемӣ - ин камхунии рагҳои майна, бар асари танг шудани маҷрои хун дар рагҳои сар (варам), суддашавӣ, бо далели часпидани пулакчаҳои атеросклеротикӣ аст. Дар ин ҳолат роҳи раги хунгарди майнаро тоза мекунанд, то хун аз бандшавӣ дар раг раҳоӣ ёбад.*

*2. Сактаи геморрогӣ - хунрезӣ, хунравӣ дар рагҳои хунгард (хунгузар) мебошад, ки бофтаи майнаро фишурда, танг мекунад.*

Аз кафидан ё кандашавии рагҳои хунгард дар як муддати хеле кӯтоҳ дар майна тағйироти бебозгашт ба вуҷуд меояд. Одам ҳамон лаҳза карахт, беҳуш мешавад. Беморро фавран ҷарроҳӣ карда, нуқсеро, ки сабаби нарасидани оксигену ғизо ба мавзеи осебрасида аст (гемотома) бартараф кардан лозим аст. «Дамидани хун» ҳангоми сактаи геморогӣ метавонад ҳангоми кор дар ҷӯяк, рӯҳафтодагии зиёд сар занад.

### Нишонаҳои инсулт

Нишонаҳои ҳар ду навъи инсулт аксар вақт шабеҳи якдигаранд, тафриқа байни онҳоро томографияи компютерӣ нишон медиҳад. Шаклҳои дигар, аз ҷумла сактаи субарахноид камтар ба мушоҳида мерасанд. Фавран муайян кардани масоҳати сактаи мағзӣ - майдони инсулт низ ғайриимкон аст.

### Сабабҳои инсулт

Муҳаққиқон сабаби 40% инсултро фишорбаландӣ муайян намудаанд. Фишори баланди хун бе ягон аломат, оҳиста-оҳиста ба дил ва рагҳо зарар мерасонад.

Маъмулан, инсулт дар натиҷаи болоравии фишори хун (гипертонияи артериалӣ), атеросклерозу диабети қанд ба амал меояд. Ихтилол дар хунравӣ ва баъзе бемориҳои ирсӣ низ метавонанд сабаби сактаи майна гарданд.

Фарбеҳӣ, тамокукашӣ ва камҳаркатӣ аз зумраи омилҳои дигари беморӣ мебошанд. Аз нигоҳи коршиносони ТУТ (Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ), агар маҷмӯи нишонаҳои бемориҳои номбурда бармаҳалу босифат ташхис ва саривақт муолиҷа карда шаванд, шахс аз хатари сактаи мағзӣ эмин мемонад.

МАСЛИҲАТ

# ХУСУСИЯТҲОИ ШИФОБАХШИИ КУНҶИД

**Кунҷид - ин тухми растании зироатӣ аст, ки аз он равған мекашанд, онро ба рӯйи нон мемоланд, аз он ҳалво мепазанд ва ғайра. Миҷозашро дар дараҷаи якум гарм ва тар бо рутубати часпак, вале дар дараҷаи дувум гарм ва тар низ гуфтаанд.**

Хислатҳои шифобахши он: хислати часпонандагӣ ва кушояндагии гиреҳҳоро дорад. Агарчи ҳангоми хӯрдан ғизои кам аст, вале моддаҳои аз он ҳазмгашта дар ҷигар сабук мебошанд; бинобар часпанда буданаш баданро фарбеҳ мекунад, овозро мулоим ва дуруштии ҳалқро нарм мегардонад, ахлоти сӯхта, яъне балғам, хун, сафро ва савдои сӯхтаро ба ислоҳ меоварад, рӯдаҳо ва маъқадро мулоим мекунад, варамҳои гармро таҳлил медиҳад.

Кунҷидро бо шароб биёшоманд, барои газидани каждум ва мори афъӣ даво мебошад. Аз кӯфтаи кунҷид шира кашида, бо набот биёшоманд, сӯзиши меъда ва сурхрӯда, турш шудани рутубати савдовии меъда, сӯзонидани моддаҳои нӯшидашуда ва моддаи тезро аз бадан дафъ мекунад. Аз он шароб тайёр намуда, онро бо мудовамат бинӯшанд, меъда ва рӯдаҳоро мулоим мегардонад, санги гурдаро майда карда мерезонад.

7 грамм кунҷидро бо 3,5 грамм чормағзи сӯхтагӣ бихӯранд, хуни равони бавосирро катъ мекунад. Кунҷидро бо оби тариди сабир ва мавиз даромехта, бардавом лесида бихӯранд, барои сурфа ва бемориҳои узвҳои даруни сина, инчунин барои захми шуш даво мебошад.

# Толеънома



**Ҳамал**
**21.03 - 20.04**

Шумо, ки зотан шахси накӯкору адолатпарвар ҳастед, аввали ҳафта ҳамфикрони зиёдеро пайдо мекунед. Аз ғуруру якравӣ худдорӣ намоед, хатари ба ғалат роҳ додану нафарони аз ҳад зиёд ҳассосро гумроҳ карданатон имконпазир аст.



**Савр**
**21.04 - 21.05**

Ба эҳсосот дода нашавед, он гоҳ нохушиҳои ба саратон омадаро ба осонӣ рафъ намуда, муносибати бади атрофиёнро нисбати худ тағйир медиҳед. Эҳтимоли сар задани муноқиша байни фарзандон ва волидон вуҷуд дорад.



**Ҷавзо**
**22.05 - 21.06**

Табъи гирифта ва карахтӣ аввали ҳафта тамоми корҳоятонро дӯлоб месозанд. Волидон дучори инҷиқиву саркашиҳои фарзандони худ мешаванд. Ҳодисаҳои миёнаи ҳафта сарзада вазъиятро ба куллӣ тағйир медиҳанд, вале мутаассифона ба фоидаи кор не.



**Саратон**
**22.06 - 23.07**

Аз рӯи нақшаҳои пешакӣ тарҳрезишуда амал намоед, он гоҳ ҳатман ба мақсад расида, муваффақ мегардед. Хавотирӣ, ташвиши зиёд ва дудилагӣ садди роҳи расидан ба орзуҳо мегардад. Дар сурати бад шудани вазъи саломатӣ бо маҳси бадан ё оббозӣ ҳолати худро беҳтар сохта метавонед.



**Асад**
**23.07 - 22.08**

Аввали ҳафта бо амри дил амал намуда, иштибоҳ намекунед. Миёнаи ҳафта ба ягон кор даст назанед, беҳтараш ин рӯзҳоро дар оромӣ гузаронед. Ҳар хабару иттилоеро, ки мешунавед, ба фоидаи кор истифода бурда метавонед.



**Сунбула**
**23.08 - 22.09**

Ҳафта барои нафарони коргар душвор меояд. Вазъият мунтазам тағйир меёбад, қабл аз он ки амал мекунед, оқибати корро андеша намоед. Баъзе монеаҳо сабабгори ба таъхир афтодани корҳоятон мегарданд. Рӯзи якшанбе аз таҳти дил истироҳат карда метавонед.



**Мизон**
**25.09 - 22.10**

Дар давоми ҳафта табъатон гоҳ гирифтаву гоҳи дигар болида мегардад. Аз ин рӯ, ҳангоми сари қароре омадан хеле бодиққат бошед, вагарна ба ғалату камбудӣ роҳ дода, бо наздикон муноқиша мекунеду нафарони хубро меранҷонед.



**Ақраб**
**23.10 - 22.11**

Ҳафта барои оштишавӣ ва барқарор сохтани робитаҳои кандашуда созгор аст. Миёнаи ҳафта дилатонро ваҳму воҳима фаро мегирад. Худро ба даст гиред, вагарна дар сари қаҳру ғазаб бо наздикон сахт моҷаро мекунед. Оядаи шумо аз рафтору амалатон вобастагӣ дорад.



**Қавс**
**25.11 - 21.12**

Ҳодисаҳои ин ҳафта ба ҷаҳонбинӣ ва тарзи ҳаёти шумо таъсири худро мерасонанд. Аз таҳти дил заҳмат кашиданатон лозим меояд, вале ҳақи хизмати худро ҳатман талаб кунед. Ба нафароне, ки ба шумо роҳи осони пулкоркуниро пешниҳод мекунанд, бовар накунед.



**Ҷаддӣ**
**22.12 - 20.11**

Кори майда-чӯйда, вале душвор дар аввали ҳафта шуморо хаста намуда, ба саломатиятон таъсири бад мерасонад. Бар замми ин, вазъияти номусоид низ таъсири худро мерасонад. Барои он ки зарари камтар бинед, диққати худро ба масъалаҳои аввалиндараҷа равона созед.



**Далв**
**21.01 - 19.02**

Аввали ҳафта дучори мушкилоти молиявие мешавед, ки дар аввал рафъ карда наметавонед. Дар сари эҳсосот ба ягон қарор наоед, вагарна сахт пушаймон мешавед. Агар нимаи дуюми ҳафта бемор шавед, ҳатман ба назди табиб равед.



**Ҳут**
**20.02 - 20.03**

Аввали ҳафта дар ҳама кор муваффақ мегардед. Бо шарикони кории ҷиддитарин ва ҳамсояҳои бадфеъл забон меёбед. Ташвишу мушкилотеро, ки кайҳо боз азиятатон медод, рафъ месозед. Нафарони оиладор аз баногаҳ ошиқи шайдо шудани ёри худ ба ҳайрат меоянд.

# САФАРАЛӢ РАҶАБОВ

## сиёсатмадор, олим ва шоир

**Ба мардуми тоҷик муаррифӣ кардани фарзанди фарзонаи он - Сафаралӣ Раҷабов ҳеҷ ҳоҷат нест, зеро ӯ фарзанди содиқи ин миллат, дӯсти беғараз ва пайрави Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон буд. Аз соли 1990 то дами марг (2011) ҳамчун ходими давлатӣ сиёсати пешгирифтаи сарвари давлатро ҷавонмардона ва беғаразона дастгирӣ мекарду татбиқ менамуд.**



Сафаралӣ Раҷабов 2-юми сентябри соли 1955 дар деҳаи Чилчаи ноҳияи Файзобод чашм ба олами ҳастӣ кушодааст. Хатмкардаи 2 мактаби олӣ - Институти давлатии педагогии Душанбе ба номи Т. Г. Шевченко (ҳоло ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ) ва Институти хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур) буд. Фаъолияти меҳнатии ӯ ҳамчун коргари хоҷагии бригадаи саҳроии совхози "Қалъаидашт"-и ноҳияи Файзобод аз соли 1972 оғоз ёфтааст. Баъди гирифтани маълумоти олии педагогӣ соли 1977 аввал муаллими Мактаби миёнаи рақами 8, солҳои 1978-1980 сардори клуби варзишӣ-техникӣ, 1981-1986 директори Комбинати таълимӣ-истеҳсолии байнимактабӣ, 1986-1990 директори Омӯзишгоҳи касбҳои техникии рақами 24-и ноҳияи Файзобод буд. Соли 1990 вакили Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ноҳияи Файзобод интихоб шуд. Солҳои 1990-1995 аввал котиби кумитаи Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ, тартиботи ҳуқуқӣ ва ҳуқуқи инсон, сонӣ муовини раиси ҳамин кумита ва сипас раиси кумитаи зикршуда буд. Солҳои 1995-2000-ум раиси Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон буд. Соли 2000-ум аз Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон депутати Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардид. Солҳои 2000-2005 вазири маорифи Тоҷикистон шуда кор кард. Соли 2005 аз рӯйхати Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон аз ҳавзаи ягонаи умумиҷумҳуриявӣ вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардид ва солҳои 2005-2010 раиси кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сохтори давлатӣ ва худидораи давлатӣ буд. Соли 2010 аз ҳавзаи якмандатии Шоҳмансур №3 вакили Маҷлиси намоянлагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб шуд. Аз моҳи марти соли 2010 то октябри соли 2011 ба ҳайси раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сохтори давлатӣ ва худидораи маҳаллӣ фаъолият кардааст.

Сафаралӣ Раҷабов 5-уми октябри соли 2011 дар синни 56-солагӣ аз олам даргузашт.

Ӯ номзади илми сиёсатшиносӣ, доктори фахрии Донишгоҳи аграрии Тоҷикисон, Корманди шоистаи Тоҷикистон, Аълочии маорифи халқи Тоҷикистон, узви Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон аз соли 1994 буд.

Солҳои соҳибистиқлолии Тоҷикистон сиёсати давлату ҳукумат нисбат ба илму маориф дигар шуд. Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо масъулияти том чунин таъкид карданд: "Агар ҳадафи мо бунёд кардани ҷомеаи воқеан ҳам демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ бошад, бо дастҷамъӣ рӯй ба ҷониби мактабу маориф оварем. Ман дар сиёсати худ маорифро дар ҷойи аввал мегузорам".

Сафаралӣ Раҷабов, ки солҳои 2000-2005-ум вазифаи вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба уҳда дошт, барои амалӣ кардани ин ҳадафи нек тамоми қуввату ғайрату истеъдоди худро сарф кард.

Солҳои вазирии Сафаралӣ Раҷабов кормандони вазорат зери шиори "Ислоҳоти маорифро таҳким мебахшем" амал карда, баҳри татбиқи сиёсати давлат дар соҳаи таҳсилот ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо вазорату идораҳои дахлдори дигар лоиҳаи 11 ҳуҷҷати меъёрии ҳуқуқиро пешниҳод намуданд ва ин ҳуҷҷатҳо аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра дастгирӣ ёфта, қабул карда шуданд, ки ин бешубҳа ба пешрафти кори соҳа такони ҷиддие гардид.

Дар ин давра Вазорати маориф барои беҳтар намудани сифати ҳамкорӣ бо созмонҳои байналмилалии муқими Тоҷикистон ва берун аз он кӯшишҳои зиёд кард. Бо кишварҳои хориҷӣ, аз ҷумла Украина, Полша, ИМА, Индонезия ва созмонҳои байналмилалӣ, аз ҷумла СММ оид ба ҳамкориҳо дар соҳаи маориф ҳуҷҷатҳои муҳим ба имзо расонид, ки онҳо баъдан барои рушди маорифи кишвар мусоидат намуданд.

Сафаралӣ Раҷабов на танҳо сиёсатмадори варзида, роҳбари кордону корозмуда, балки донишманд ва шоири хушсалиқа ҳам буд. Ба қалами ӯ китобҳои "Дунявият иродаи халқ аст" (с. 1996), "Ҳокимияти қонунгузор" (с. 1999), "Тоҷикистон: давлати дунявӣ" (назария, таҷриба ва проблема), ба забони русӣ (с. 2000), "Мақоми маориф" (с. 2002), "Маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон" (с. 2004), "Маорифи Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият" (с. 2006), "Баёзи ашъори Сафаралӣ Раҷабов" (баъди вафоташ, с. 2017), ҷамъ 14 китоб ва беш аз 70 мақолаи илмӣ-таълимӣ тааллуқ доранд.

Сафаралӣ Раҷабов табъи хуби шоирӣ ҳам дошт ва бо тахаллуси "Ниҳонӣ" шеър эҷод мекард. Соли 2017 ашъори ӯ бо кӯшиши писари калониаш - Мутеъулло бо номи "Баёзи ашъори Сафаралӣ Раҷабов" дастраси хонандагон карда шуд. Ашъори боқимондаи ӯ асосан аз ғазал, маснавӣ, рубоӣ, дубайтӣ, қитъа, тарҷеъбанд, мусаммат ва фард иборат буда, дар мавзуҳои мухталифи зиндагӣ таълиф шудаанд.

Чи тавре ки маълум аст, солҳои навадуми асри XX ба сари мардуми тоҷик бадбахтиҳои зиёде овард ва дар он солҳо Сафаралӣ Раҷабов дар вазифаҳои пурмасъули давлатӣ кор мекард ва аз зиндагии сахти мардум аз наздик бохабар буд. Ӯ бо чашмони худ медид, ки як гурӯҳи одамон дар ғами нонанд, гурӯҳи дигар аз ин бадтар, дар ғами ҷонанд, хоҳарону модарон ҳама ҳайрону гирёнанд. Ниҳонӣ аз ҳолати рӯҳии мардум ба танг омадааст ва ба ҳоли зори онҳо пинҳонӣ нола мекунад. Касоне, ки рӯзҳои сахти солҳои навадуми асри бистро дида бошанд, нисбати ин ғазали Ниҳонӣ бетараф буда наметавонанд:

*Аз сӯзи дили ёрон месӯзаму*
*месӯзам,*
*Аз бахти бади инсон*
*месӯзаму месӯзам.*
*Ҳайрон ҳама ҷо хоҳар, гирён*
*ҳама ҷо модар,*
*Аз оҳи дили тафсон*
*месӯзаму месӯзам.*
*Рафта аз ҳама шафқат,*
*монда ҳама дар ғафлат,*
*Аз кулфати ғам чандон*
*месӯзаму месӯзам.*
*Оламро намон(д) қиммат,*
*мардонро намон(д) ҳиммат,*
*Аз ҳоли бади пирон*
*месӯзаму месӯзам.*
*Мардум ҳама ҷо сарсон, сарвар*
*ҳама ҷо ҳайрон,*
*Аз кашмакаши даврон*
*месӯзаму месӯзам.*
*Чанде ба ғами ҷонанд,*
*боқӣ ба ғами нонанд,*
*Аз ғурбату аз афғон*
*месӯзаму месӯзам.*

**Урватулло ТОИРОВ,**
**профессори ДМТ, Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон**

## МАВЛУДНОМА

**• 29 АВГУСТ •**

**Валентина Володина** (1929), 95-солагии зодрӯзи адабиётшинос (русӣ).

**Муҳаммадӣ Мирзоалиев** (1949), 75-солагии зодрӯзи ҳунарманди театр, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

**Людмила Успенская** (1909-2003), 115-солагии зодрӯзи забоншинос, профессор, Ходими шоистаи илми Тоҷикистон.

**• 30 АВГУСТ •**

**Ҷумъабой Беков** (1939-1994), 85-солагии зодрӯзи муаррих.

**Давлатхӯҷа Додаров** (1929), 95-солагии зодрӯзи арбоби фарҳангӣ, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

**Лидия Сухаревская** (1909-1994), 115-солагии зодрӯзи ҳунарманди театр, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

**Василий Вяткин** (1869-1932), 145-солагии зодрӯзи шарқшинос, бостоншиноси рус, муҳаққиқи дастхатҳои Шарқ.

**• 31 АВГУСТ •**

**Омина Каримова** (1924-1997), 100-солагии зодрӯзи муаррих.

**Ашӯралӣ Олимов** (1964), 60-солагии зодрӯзи олими соҳаи физика.

**Уктам Ҳамроев** (1929), 95-солагии зодрӯзи собиқадори матбуот, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

**Эраҷ Мирзо** (1874-1926), 150-солагии зодрӯзи шоири эронӣ.

**Виктор Успенский** (1879-1926), 145-солагии зодрӯзи мусиқишиноси рус, муаллифи мақолаю рисола дар бораи «Шашмақом».

**• 1 СЕНТЯБР •**

**Ҳикматулло Аҳмадов** (1949), 75-солагии зодрӯзи доктори илми кишоварзӣ, профессор.

**Муродалӣ Набиев** (1944), 80-солагии зодрӯзи адабиётшинос.

**Саидҷон Почоев** (1939), 85-солагии зодрӯзи журналист.

**Абдураҳмон Расулӣ** (1949), 75-солагии зодрӯзи нависанда.

**Нормурод Ҳоҷимуродов** (1949), 75-солагии зодрӯзи журналист.

**Мирзо Шукурзода** (1949), 75-солагии зодрӯзи нависанда, Корманди шоистаи Тоҷикистон.

**Акоб Папазян** (1919-1997), 105-солагии зодрӯзи муаррих-эроншиноси арман, доктори илми таърих.

**• 2 СЕНТЯБР •**

**Улуғбибӣ Саидова** (1864-1954), 160-солагии аввалин милитсионерзани тоҷик (модари Туҳфа Фозилова).

**Гулмаст Худоёрова** (1924), 100-солагии зодрӯзи пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ.

**Ҳомид Юсуфҷонов** (1924), 90-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

**Зайнулобиддин Муътаман** (1914-1991), 110-солагии зодрӯзи нависанда ва адабиётшиноси эронӣ.

**• 3 СЕНТЯБР •**

**Толиббек Бухориев** (1954), 70-солагии зодрӯзи доктори илми кишоварзӣ, профессор.

**Владимир Воробёв** (1949), 75-олагии зодрӯзи журналист.

**Минҳоҷ Ғуломов** (1929-1996), 95-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, профессор, Ходими шоистаи илми Тоҷикистон, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Ибни Сино.

**Амиршо Ибронов** (1949-1993), 75-солагии зодрӯзи ширинкор.

**4 СЕНТЯБР**

**Давлатмурод Қурбонов** (1949), 75-солагии зодрӯзи генерал-майори адлия.

**Грагия Сагателян** (1904-1980), 120-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, профессор.

**Фурқат (Зокир Холмуҳаммад)** (1859-1909), 165-солагии зодрӯзи шоир ва мутарҷими ӯзбек, ки ба тоҷикӣ низ шеър гуфта, осори зиёди моро ба забони ӯзбекӣ тарҷума кардааст.

**Таҳияи Г. ИСМОИЛОВА,**
**Ҳ. АМРИДДИН,**
**кормандони Китобхонаи миллии Тоҷикистон**

**Аз идора**

**Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?**

**ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!**

**Тел: 221-00-84**

Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

► Билети ҳарбии ЧТ №912687 ба номи Қурбонов Ёраҳмад Асламович, ки санаи 15.08.2023 аз Комиссариати ҳарбии ноҳияи Шоҳмансур дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 9 АБ №141978 ба номи Диловарова Райҳона Мазамовна, ки соли 1994 аз МТМУ №2 ба номи В. И. Ленини ш. Ваҳдат дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дафтари ҳавлӣ ба номи Урумбаев Одилжон Мирзокаримович, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Сино, б 134, хонаи 37, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва иқтибоси соҳибкори инфиродӣ тибқи патент ба номи Бабахонова Бибисалима, РЯМ: 0730130345, РМА: 075782975, ки аз 27.02.2016 дар Нозироти андози шаҳри Турсунзода ба расмият даровarda шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Билети ҳарбии ЧТ №0093098, ки аз 30.01.2024 аз тарафи Комиссариати ҳарбии ноҳияи Сино ба номи Ашуров Парвиз Манучеҳрович дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 9 №310127, ба номи Розиқова Шоира, ки соли 1996 аз ҷониби МТМУ №1-и ноҳияи Варзоб дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 10 БП №932127 ба номи Рахимов Дильшот Суратович, ки санаи 28.06.1982 аз ҷониби МТМУ №32-и ноҳияи Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи ҷуброни бартарафсозии квартира, ки аз тарафи Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе санаи 23-юми апрели соли 2021, таҳти фехристи ДШ №1228052 ба номи Бекикова Сарфиямо Сабзалиевна, бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Шоҳтемур ба расмият даровarda шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ таҳти фехристи №9Д-1316, ки аз санаи 10.07.1990 ба номи Маликов Мирзобадал Халифаевич, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи И. Сомонӣ, кӯчаи Т. Пулодӣ (собиқ П. Лумумба) 37, ҳ. 2, дар нотариуси давлатии Идораи нотариалии 1-уми шаҳри Душанбе ба расмият даровarda шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ, А3332986, аз 18.05.2004 ба номи Бакаева Рая Мухтаровна, ки аз ШКД ноҳияи Сино 2 дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Сертификати ҳуқуқи истифодаи замин, рақами қайд №1001/17, аз 19.06.2017, ба номи Абдураҳимова Насиба Ҳайдарқуловна, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи И. Сомонӣ, кӯчаи И. Соатов, хонаи 30А, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Патенти соҳибкори инфиродӣ ба номи Тошматов Абдугани Мамадалиевич, РЯМ: 0730235239, РМА: 075448672, аз санаи 13.02.2024, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Билети ҳарбӣ ба номи Шоахмедов Фуркатшоҳ Ҷумабоевич, ки соли 1992 аз Комиссариати ҳарбии ноҳияи Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Мӯҳри ҶДММ "Кароматуллозода", РЯМ: 3310013045, РМА: 330015067, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ, ки аз тарафи КДФБМГ-и шаҳри Турсунзода ба номи шаҳрванд Умарова Заидҷон бо суроғаи ш. Турсунзода 4м/н, б 18, ҳ. 16 дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ, ки аз тарафи КДФБМГ-и шаҳри Душанбе ба номи шаҳрванд Шамсиддинов Фахриддин Сайфидинович бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Б. Ғафуров, бинои 34/3, хонаи 23 дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Билети ҳарбии ЧТ №0056970 ба номи Изатуллоев Шаҳриёр Бахтиёрович, ки санаи 19.06.2020 аз Комиссариати ҳарбии ноҳияи Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ ба номи Сулаймонова Мадина Дильшодовна, РЯМ: 0230087092, РМА: 038015940, ки дар Нозироти андози ноҳияи И. Сомонӣ ба расмият даровarda шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯш аз 29.12.1989, таҳти №Р-Р-47, ба номи Садиқова Саодат, ш. Ҳисор, кӯчаи Советская, хонаи 29, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

► ҶДММ "Варзиш Мол", №0281677, РЯМ: 0410035478, РМА: 040057389, барҳам мехӯрад. Арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

► ҶДММ "Оби Куллаҳо", №0268410, РЯМ: 0310021865, РМА: 030033720, барҳам мехӯрад. Арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

► ҶДММ "Мустафо Сохтмон", РЯМ: 0910009082, воқеъ дар шаҳри Турсунзода барҳам мехӯрад.

## ХИЗМАТРАСОНИҲО

► Таъмири яхдон, кондитсионерҳо, мошинаҳои ҷомашӯӣ автомат. Иваз кардани мотор, пур кардани фрион. Босифат ва бо кафолат. Усто бо таҷрибаи кории 30-сола. Даъват ба хона. Тел.: 901-91-39-81, 918-35-66-96, 917-86-50-05, 93-776-66-07

► Ҳуҷҷатҳои мошин ба номи Алиев Хайрулло Раджабмахмадович дар маҳаллаи бозори "Саховат" гум шудаанд. Нафаре, ки онҳоро пайдо намудааст, хоҳишмандем бар ивази мукофотпулӣ баргардонида шавад. Тел.: 904-77-00-73

## ЭЪЛОН

► Сафорати Ҷумҳурии исломии Эрон дар шаҳри Душанбе мошини сабукрави Mercedes-Benz C-класс, соли бароришаш 2009, объем 3.5-ро ба тоаври музояда ба фурӯш мегузорад. Хоҳишмандон метавонанд аз таърихи 29.08.2024 то 03.09.2024 ба рақамҳои зерин занг заранд. Тел.: 48-888-86-10, 911-11-01-54

## НИЁЗ ДОРЕМ

**Коргузор (Делопроизводитель)**

**ВАЗИФА:** Кор бо ҳуҷҷатҳо, сабт ва ташкили маҷлисҳо, нигоҳдорӣ ва муҳосибии ҳуҷҷатҳо, робита бо шарикон ва муштариён.

**ТАЛАБОТ:** Маълумоти миёнаи касбӣ ё олӣ, малакаи кор бо компютер, дақиқкорӣ ва масъулиятнокӣ, малакаи хуби иртиботӣ.

**МО ПЕШНИҲОД МЕКУНЕМ:**

- *Маош аз **2000** сар мешавад;*
- *Муҳити кории устувор ва динамикӣ;*
- *Имконияти пешрафти касбӣ;*
- *Ҷойи кори қулай дар маркази шаҳр.*

Барои фиристодани резюмеи худ, лутфан бо суроғаи электронии мо тамос гиред:

**zbim2012@gmail.com**

ё ба рақами телефони

**945-41-50-50** занг занед.

**БУХГАЛТЕР-ХАЗИНАЧӢ**

**ВАЗИФАҲО:** Муҳосибии амалиёти нақдӣ ва ғайринақдӣ, кор бо ҳуҷҷатҳои муҳосибӣ, кор бо барномаи 1С, ҳисоббарорӣ ва тайёр намудани ҳисоботҳо.

**ТАЛАБОТ:** Маълумоти касбӣ дар соҳаи муҳосибӣ, таҷрибаи кор, малакаи хуби кор бо компютер.

**МО ПЕШНИҲОД МЕКУНЕМ:**

- *Маош аз **2000** сар мешавад;*
- *Муҳити кории устувор ва динамикӣ;*
- *Имконияти пешрафти касбӣ;*
- *Ҷойи кори қулай дар маркази шаҳр.*

Барои фиристодани резюмеи худ, лутфан бо суроғаи электронии мо тамос гиред:

**zbim2012@gmail.com**

ё ба рақами телефони

**945-41-50-50** занг занед.

**ШИТОБЕД, КИ ФУРСАТ МАҲДУД АСТ!**

ГӮШТИН

# НАМОЯНДАҲОИ ТОҶИКИСТОН ДАР АВВАЛИН ЧЕМПИОНАТИ ҶАҲОНИИ «ГӮШТИНГИРӢ»

**Дар нахустин Чемпионати ҷаҳонии «Гӯштингирӣ», ки 28-уми август дар Душанбе шуруъ шуда, то 31-уми август идома мекунад, Тоҷикистонро 18 варзишгар намояндагӣ мекунанд.**

Дар ду рӯзи аввали мусобиқа накшаву марҳилаи чемпионат ва интихоби раиси Федератсияи байналмилалии гӯштин дар ду рӯзи аввал баргузор мешавад. Худи вохӯриҳо рӯзҳои 30 ва 31-уми август дар Қасри теннис ва варзиши обии пойтахт баргузор мешаванд.



Федератсияи куштии ҷумҳурӣ хабар медиҳад, ки дар байни варзишгарони тоҷик 12 мард ва 6 зан ширкат доранд, ки дар ҳар вазн ду варзишгар кувваозмоӣ мекунанд. Инҳо Шаҳбоз Саидаброров ва Муллораҷаб Халифаев дар вазни 65 кг; Аҳмад Масъуд, Мирзочамил Рамазонов - 71 кг; Раҳматуллобек Фарҳодов, Қоим Шукронов - 78 кг; Умар Расулов, Ҳақназар Назаров - 86 кг; Улуғбек Раҳимов, Кароматулло Ҳакимов - 95 кг; Шариф Назриев, Шакармамад Мирмамадов - +95 кг; Мадина Қурбонзода, Рӯзигули Ҳасан - 52 кг; Ҷонона Назарова, Шоҳида Қаландарова - 70 кг; Мавлуда Одинаева ва Сабрина Холова - +70 кг ҳастанд.

Худи мусобиқа дар 9 вазн баргузор мешавад, ки занон дар 3 вазн ва мардон дар 6 вазн кувваозмоӣ мекунанд.

Дар чемпионат дар маҷмӯъ беш аз 200 варзишгар аз 60 кишвари ҷаҳон ширкат мекунанд. Фонди ҷоиза 400 ҳазор долларро ташкил медиҳад. Барандагони медали тило 20 000 доллар, барандагони медалҳои нукра 10 000 доллар ва барандагони медалҳои биринҷӣ 5 000 доллар мегиранд.

Ҳамчунин, дастаҳое, ки аз рӯи шумораи медалҳо се ҷойи аввалро мегиранд, мутаносибан 5000 доллар, 3000 доллар ва 2000 доллар мукофот мегиранд.

Қобили зикр аст, ки соли 2022 гӯштин мақоми байналмилалӣ гирифт. Он дар Вазорати адлияи Швейцария сабти ном шуд ва Федератсияи куштии Тоҷикистон соҳиби шаҳодатномаи байналмилалӣ гардид.

ФУТЗАЛ

# ДУ БОЗИИ ДӮСТОНАИ ДАСТАИ МУНТАХАБИ ТОҶИКИСТОН БО ҚАЗОҚИСТОН

**Дар доираи омодагӣ ба Ҷоми ҷаҳонии соли 2024 тими миллии футзали Тоҷикистон таҳти раҳбарии Пайрав Воҳидов дар Остона ду бозии дӯстона анҷом дод.**

Ҳариф дар бозиҳои санҷишӣ дастаи мунтахаби футзали Қазоқистон буд, ки дар Чемпионати ҷаҳон-2021 мақоми чорумро гирифтааст. Дар нахустин бозии дӯстона дастаи мунтахаби Қазоқистон бо ҳисоби 3:0 пирӯз шуд. Вохӯрии дуюм мергол шуд. Дастаи Тоҷикистон ду маротиба бо ҳисоби 1:0 ва 3:2 пешсаф шуд, аммо натиҷаи пирӯзиоварро нигоҳ дошта натавонисту дар ниҳоят бо ҳисоби 3:4 шикаст хӯрд. Дар ҳайати дастаи Тоҷикистон Самандар Ризомов, Бахтиёр Солиев ва Идрис Ёров гол заданд.

Дастаи мунтахаби Тоҷикистон то Ҷоми ҷаҳонии футзал-2024 дар Душанбе боз ду бозии дӯстона анҷом медиҳад. Даста 5-уми сентябр бо Испания ва 8-уми сентябр бо Нидерланд бозӣ мекунад. Ҳардуи ин вохӯриҳо дар маҷмааи варзишии «Кохи Олимп»-и Душанбе баргузор шуда, соати 20:00 оғоз мешаванд.



ФУТБОЛ

# ТОҶИКИСТОН ДАР ЧЕМПИОНАТИ CAFA СЕЮМ ШУД




**Дар Душанбе Чемпионати Ассотсиатсияи футболи Осиёи Марказӣ (CAFA) байни дастаҳои ҷавонони то 17-сола ба анҷом расид, ки наврасони Тоҷикистон зинаи сеюмро гирифтанд.**

Дар мусобиқа шаш дастаи наврасони Осиёи Марказӣ ширкат карданд. Зинаи якумро футболбозони наврасии Афғонистон ба даст оварданд, ки дар бозии ҳалкунанда бар дастаи Ӯзбекистон бо ҳисоби 1:0 пирӯз шуданд.

Дастаи ҷавонони Тоҷикистон (U-17) дар бозӣ барои ҷойи сеюм бар тими Эрон пирӯз шуд (вақти асосӣ - 1:1, пеналтӣ - 4:2).

Дар поёни мусобиқа тими Эрон ҷоизаи «Fair Play»-ро гирифт. Голзани беҳтарини мусобиқа Салмон Гавҳарифузӣ, ҳамлагари тими миллии Эрон буд, ки дар ин мусобиқа се гол зад. Дарвозабони тими миллии Афғонистон Ҳамид Амирӣ беҳтарин дарвозабон ва муфидтарин бозигари чемпионати CAFA 2024 эътироф шуд.

ҶОМИ ТОҶИКИСТОН

# БОЗИҲОИ ЯКУМИ ЧОРЯКНИҲОӢ БАРГУЗОР ШУДАНД

**Бозиҳои аввали даври чорякниҳоии Ҷоми футболи Тоҷикистон-2024 баргузор шуданд.**

«Равшан»-и Кӯлоб дар меҳмонӣ бар Клуби марказии варзиши артиш (КМВА) ба ҳисоби 1:0 пирӯз шуд. “Истиқлол”-и Душанбе дар майдони худ бар “Истаравшан” (2:1) ғолиб омад. «Регар-ТадАЗ»-и Турсунзода аз «Шодмон»-и Ҳисор (1:0) пуркувват буд. Вохӯрии «Вахш» ва «Хуҷанд» мусовӣ - 1:1 анҷом ёфт.

Ҷуфтҳои даври ниманиҳоии Ҷоми Тоҷикистон-2024 бар асоси натоиҷи бозиҳои ҷавобии даври чорякниҳоӣ, ки рӯзҳои 29, 30 ва 31-уми август баргузор мешаванд, муайян хоҳанд шуд.



РЕЗААХБОР

Аз 29-уми август то 1-уми сентябр дар шаҳри Мунгёнги Ҷумҳурии Корея Asian Cadet & Junior Championships 2024 Individuals байни наврасон ва ҷавонон дар доираи “World Judo Tour” баргузор мешавад, ки дар он варзишгарони тоҷик дар вазни -66 кг Фирӯз Маҳмадбеков, -73 кг Илҳомиддин Ҷаборов, -73 кг Муҳиддин Асадуллоев, -81 кг Сунатулло Мусоев, -81 кг Муҳаммад Юсуфзода, +100 кг Аҳмад Табаров ва -57 кг Кан Александра ширкат мекунанд.

***

Дастаи футболи «Сипоҳон», ки дар он футболбози маъруфи тоҷик Ваҳдат Ҳанонов бозӣ мекунад, дар дақиқаҳои охир дар вохӯрӣ бо дастаи «Хайбар» пирӯзӣ (2:1) ба даст овард ва ба садри ҷадвали Лигаи олии Эрон баромад. Ваҳдат Ҳанонов тамоми ин бозӣ дар майдон буд ва дар дақиқаи 55-ум корти зард гирифт.

***

Варзишгарони тоҷик дар Чемпионати 4-уми ITKF каратэ-дои Осиё 7 медали тило, 10 нукра ва 12 биринҷӣ ба даст оварданд. Чемпионат аз 18 то 20-уми август дар шаҳри Самарканд байни наврасон, ҷавонон ва калонсолон баргузор шуд. Дар чемпионат 24 варзишгар ва мураббӣ аз вилояти Суғд аз намуди каратэ иштирок карда, дар байни варзишгарони 10 кишвар соҳиби 29 медал шуданд.

***



Размикори тоҷик Самандар Муродов (11-0) ва Ҷонатан Пирсмаи амрикоӣ (9-3) дар даври ниманиҳоии мусобиқаи RoadToUFC кувваозмоӣ карданд. Самандар Муродов бо қарори якдилонаи доварон пирӯз донистa шуд. Бояд қайд кард, ки ин дуюмин пирӯзии ин размикори тоҷик дар ин мусобиқа аст ва як зинаи дигар роҳро ба бастани шартнома бо UFC наздик мекунад.




## Исми нимҷон

Дарси забони тоҷикӣ. Омӯзгор аз Мурод мепурсад:
- Кампир исми ҷондор аст ё беҷон?
Мурод:
- Исми нимҷон, муаллим.

## Фоҷеа

Писарбача китоберо мутолиа карда, аз падараш мепурсад:
- Дада, ман ҳеҷ нафаҳмида истодаам, ки асари "Ревизор" масхара аст ё фоҷеа?
Падар дар ҷавоб:
- Агар ревизор худӣ бошад, масхара, лекин агар ношинос бошад, фоҷеа аст.

## Қишлоқиҳо

Талабае аз омӯзгор мепурсад:
- Муаллим, чаро баъзеҳо ҳангоми гапзанӣ нон - пон, мева - чева, занак - панак, гов - пов мегӯянд?
Омӯзгор дар ҷавоб:
- Онҳо ҳамон қишлоқиҳо - пишлоқиҳоянд, ки савод - павод надоранд.

## Ҷони одам

Бемор аз табиб мепурсад:
Духтур, ҷони одам дар куҷояш аст?
- Аниқ намедонам, аммо тахминан дар зери шошадонаш бояд бошад.
- Чӣ хел?
- Ана ҳамин хел, пешоб мекуниву роҳат мекунӣ.

## Талх

Табиб аз бемор мепурсад:
- Чаро шумо доруҳоятонро наменӯшед?
- Охир, заҳр барин талханд.
Табиб:
- Ҳеҷ гап не, вақти дорухӯрӣ тасаввур кунед, ки коняк нӯшида истодаед.
Бемор:
- Бехтараш ман коняк менӯшаму тасаввур мекунам, ки дору нӯшида истодаам.

## Мактаб

Субҳ писарбачае ба мактаб дер мекунад. Модараш ҳар замон таъкидкунон мегӯяд:
- Писарам, дер шуд охир, зудтар либосатро пӯш!
Писар дар ҷавоб мегӯяд:
- Оча, ташвиш накашед, дарҳои мактаб то бегоҳ кушода аст!

## Ҳақиқат

Зан аз кор баргашта, шавҳарашро масту аласт меёбад:
- Чӣ қадар арақ нӯшидӣ?
- Ду шиша пиво,-мегӯяд шавҳар.
- Дурӯғ мегӯйӣ! –мегӯяд зан.
- Мана аз сагамон пурс, ҷонвар фиребро намедонад,-мегӯяд шавҳар.
Зан ба саг рӯ оварда, мепурсад:
- Чӣ қадар пиво нӯшид?
- Ҳав, ҳав, -садо мебарорад саг.
- Аракро чӣ?-боз мепурсад зан.
- У-у-у-у-у-у-у-у!- улос мекашад саг.

Таҳияи
Н.РАҶАБОВА

## Пайи қадам

Ду сол пеш барои дамгирӣ бо нависандаи маъруф устод Мирзо Шукурзода ба осоишгоҳи Харангон рафтем.

Рӯзи аввал, пас аз харид аз мағоза, дар роҳ пулҳои устод афтидаанд. Баъдан харҷанд кофтем, наёфтем.

Рӯзи дуюм, чунон офтобӣ шуд, ки сӯхтему пухтем.

Рӯзи сеюм, маро даруни сандалии барқӣ хоб бурдааст. Қариб бирён мешудам.

Рӯзи чорум, устод шабона чанд одами мурдаро ба хоб дида, чунон фарёде кашид, ки на танҳо ман, балки қариб тамоми бошандагони бино бедор шуда, ба ҳуҷраи мо давиданд.

Рӯзи панҷум, аз шамоли кондисионер ман таб баровардам ва устод маро бемордорӣ карданд.

Рӯзи шашум бемории қанди устод хуруҷ кард ва ман ӯро бемордорӣ кардам.

Рӯзи ҳафтум, шамоли сахт вазид ва ними меваро резонд, ними шохаҳоро шикаст.

Рӯзи хаштум, борони сахт борид, мо дар шипанг саккобозӣ кардем ва ҳар ду хунук хӯрда, аз тамоми проседураҳо мондем.

Рӯзи нӯҳум, шабона сел омад ва пули зебои болои рӯдхонаро бурд, як котеҷро хароб кард, соҳилҳои ду тарафро канд.

Рӯзи даҳум, субҳ устод аз хоб бархостанду гуфтанд:
- Дӯстам, биё биравем, ки агар як ҳафтаи дигар бимонем, дар ин осоишгоҳ хиште бар хиште боқӣ нахоҳад монд.

## Таносуби зоирин бо шайтон

Як дӯсти донишмандам аз ҳаҷ омаду чунин гапи аҷиб гуфт:
- Дар маконе, ки Шайтони раҷимро санг мезананд, дар ибтидои ислом се ҳайкалчаи хурди Иблис (ҳар яке тахминан 1х1 метри мураббаъ) будааст. Чун шумораи зиёраткунандагон бештар шуд, масъулони ташкили ҳаҷ ба хотири ба нишон расидани сангҳи тамоми зоирон ҳайкали шайтонҳоро калонтар кардан гирифтанд. Ба ҳамин тариқ, миқдори зоирин чӣ қадаре, ки зиёд гашт, шайтонҳо ҳамон қадар бузург шуданд ва айни замон ҳайкали Иблис 20х10 метри мураббаъ мебошад.

Хулоса, ҳар қадар ҳоҷӣ зиёд шавад, Шайтон ҳамон қадар бузургтар мешудааст...

## Карам ба Меҳмон Бахтӣ

Устод Меҳмон Бахтӣ аз карам қимоб буд.

Соли 1995 машварати драматургон тахти роҳбариаш дар шаҳри Қайроққум мегузашт. Як рӯз устод маҷлиси муҳокимаи кадом драмаро кашол дод. Вақти хӯроки нимрӯзӣ ним шуд, аммо устод танаффус эълон намекард. Ҳама ба танг омада, чӣ карданашонро намедонистанд. Шоир Низом Қосим чораро ёфт: ба ин мазмун хатчае ба Меҳмон Бахтӣ фиристод:

*"Раиси муҳтарам андак*
*карам кун,*
*Каме аз маҷлиси имрӯза*
*кам кун".*

Устод ҳамон замон маҷлисро басту ҳама берун давиданд.



Ато МИРХОҶА

## Сканворд

